Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 феврали соли 2017, № 89
тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ МИЛЛӢ ОИД БА МУҚОВИМАТ БА ЭПИДЕМИЯИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2020

## БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ЭПИДЕМИОЛОГӢ

1. Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам барои солҳои 2017-2020 (минбаъд - Барнома) вобаста ба ҳолати эпидемиологии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар кишвар, таҳлили маълумот оид ба фаъолияти соҳа нисбати пешгирии ин сироят, ки дар доираи иҷрои барномаи қаблӣ дар солҳои 2011-2015 амалӣ гардида буданд, таҳия шудааст.

2. Тибқи маълумоте, ки дар натиҷаи гузаронидани Назорати дидбонии эпидемиологӣ ба даст омадааст, эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон дар байни гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолӣ ва занони ҳомила дар марҳилаи ҷамъшаванда (паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ - 12,9 фоиз ва дар байни занони ҳомилаи шаҳрҳо - 0,1 фоиз) қарор дорад.

3. Вобаста ба тамоюли бақайдгирии ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар расми 1 маълумоти Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам" оид ба миқдори ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон дар солҳои 2009-2015 бо дарназардошти роҳҳои гузариш нишон дода шудааст.




Расми 1. Бақайдгирии ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон дар солҳои 2009-2015 вобаста ба роҳҳои паҳншавӣ

4. Расми 1 тамоюли умумии зиёдшавии эпидемияи вируси норасоии масунияти одамро нишон медиҳад, ки дар он афзоиши ҳодисаҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ва аз модар ба кӯдак паҳншуда ба мушоҳида мерасанд. Ин дар ҳолест, ки аз соли 2010 ба таври назаррас камшавии ҳодисаҳои бо роҳи тазриқӣ сироятёфта ба қайд гирифта шудаанд.

5. Тибқи маълумоти омории расмӣ то 1 январи соли 2016 шумораи умумии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам (аз соли 1991) дар ҷумҳурӣ 7709 ҳодисаро ташкил дод, ки аз ин шумора 68,4 фоиз дар байни мардон ва 31,6 фоиз дар байни занон ба қайд гирифта шудааст. Дар давраи аз соли 1991 то декабри соли 2015 аз шумораи умумии сироятёфтагон бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла аз беморӣи пайдошудаи норасоии масуният 1592 нафар фавтидаанд. Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар аввали моҳи январи соли 2016 дар ҷумҳурӣ 6117 нафарро ташкил медиҳад, ки бештари онҳо ё 76,1 фоиз таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд.

6. Дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ 1151 ҳодисаи нави сирояти вируси норасоии масунияти одам ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2014 (1008 ҳодиса) 143 ҳодиса зиёдтар мебошад. Аз ин шумора 688 (59,8 фоиз) нафарро мардон ва 463 (40,2 фоиз) нафарро занон ташкил медиҳанд. Дар солҳои охир тамоюли зиёдшавии сироятёфтагон дар байни занон зиёд гардида, аз 28,9 фоиз дар соли 2011 то 40,2 фоиз дар соли 2015 баланд гардидааст.

7. Дар соли 2015 дар бештари ҳолатҳо ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни калонсолон (18-сола

боло) – 87,1 фоиз, асосан дар гурӯҳи одамони 30-39-сола дарёфт гардиданд. 1,5 фоиз ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни ҷавонону наврасони 15-18-сола ба қайд гирифта шудааст. Дар баробари ин, далели ташвишовар он аст, ки солҳои охир афзоиши бақайдгирии ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакон ба назар мерасад (ҷадвали 5).

8. Тибқи баҳодиҳӣ шумораи эҳтимолии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 15721 нафарро ташкил медиҳад. Шумораи расмии ин шахсон тибқи маълумоти оморӣ дар охири моҳи декабри соли 2015 ба 6117 нафар баробар буд.

9. Тибқи маълумоти расмӣ дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ 1151 ҳодисаи нави вируси норасоии масунияти одам дарёфт гардид, ки аз он 268 (23,3 фоиз) ҳодиса дар марҳилаи дери беморшавӣ, яъне дар ҳолате, ки дар бемор нишонаҳои сарирӣ (клиникӣ) ё бемории пайдошудаи норасоии масуният ба мушоҳида мерасид, дарёфт карда шудаанд. Дар соли 2015 аз шумораи умумии аз нав дарёфтшудагон 92 нафар (8 фоиз) аз бемориҳои бо Бемории пайдошудаи норасоии масуният вобаста ва дигар сабабҳо фавтидаанд. Маълумоти дар боло овардашуда шаҳодат медиҳад, ки мурочиати дери шаҳрвандон оид ба ташхиси вируси норасоии масунияти одам дар сатҳи баланд қарор дошта, қариб дар ҳар як аз 268 ҳодиса (23,3 фоиз) дар марҳилаи дери беморшавӣ дарёфт карда шудаанд.

10. Ба ҳолати аввали соли 2016 дар қайди марказҳои вируси норасоии масунияти одам 6117 нафар шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (калонсолон ва кӯдакон) сабт гардидаанд, ки 2074 нафар ба шаҳри Душанбе, 285 нафар ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 1146 нафар ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 1178 нафар ба вилояти Суғд ва 1434 нафар ба вилояти Хатлон рост меоянд. Паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам (дар 100000 аҳолӣ) дар ин минтақаҳо мутаносибан ба 263.0, 133.0, 59.6, 48.0 ва 48.3 нафар баробар буда, сатҳи паҳншавӣ дар ҷумҳурӣ 73,24 нафар дар 100 ҳазор нафарро ташкил мекунад (ҷадвали 1).

11. Аз шумораи умумии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар соли 2015 (1151 нафар) 226 нафар ба шаҳри Душанбе (дар 100 ҳазор нафар аҳолӣ - 28,7), 56 нафар ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (26,1), 237 нафар ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (12,3), 300 нафар ба вилояти Суғд (12,2) ва 332 нафар ба вилояти Хатлон (11,2) рост меоянд. Сатҳи гирифторшавӣ ба вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ 13,8 нафар дар 100 ҳазор нафар мебошад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Сатҳи паҳншавӣ ва сироятнокшавӣ ба вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон ва минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2015

| Минтақаҳои ҷумҳурӣ | Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 31 декабри соли 2015 | Сатҳи паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (миқдори шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар 100000 аҳолӣ) то 31 декабри соли 2015 | Шумораи ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 | Сатҳи сироятнокшавӣ ба вируси норасоии масунияти одам (миқдори сироятёфтагон дар 100000 аҳолӣ) дар соли 2015 |
|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 2 074 | 263,0 | 226 | 28,7 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 285 | 133,0 | 56 | 26,1 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1 146 | 59,6 | 237 | 12,3 |
| Вилояти Суғд | 1 178 | 48,0 | 300 | 12,2 |
| Вилояти Хатлон | 1 434 | 48,3 | 332 | 11,2 |
| Ҳамагӣ | 6 117 | 73,2 | 1 151 | 13,8 |

12. Роҳҳои асосии паҳншавии сироят дар соли 2015 алоқаи ҷинсӣ ва тазриқӣ (асосан истифодаи маводи мухаддир бо усули тазриқӣ) ба шумор мерафт, аз ҷумла:

- паҳншавии вируси норасоии масунияти одам бо роҳи алоқаи ҷинсӣ: ҳамагӣ – 61,7 фоиз, аз ҷумла шаҳри Душанбе – 43,4 фоиз; Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 48,2 фоиз; шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 65,8 фоиз; вилояти Суғд – 73,3 фоиз; вилояти Хатлон– 63 фоиз.

- паҳншавии вируси норасоии масунияти одам бо усули тазриқӣ: ҳамагӣ – 21,2 фоиз, аз ҷумла шаҳри Душанбе – 37,2 фоиз; Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 48,2 фоиз; шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 14,3 фоиз; вилояти Суғд – 17,7 фоиз; вилояти Хатлон – 13,9 фоиз.

13. Дар маълумоти оморӣ паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо роҳи "номаълум" низ вуҷуд дорад, ки дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ 140 ҳодиса ё 12,2 фоиз аз шумораи умумии ҳодисаҳои нави бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфтагонро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 18 фоиз ба вилояти Хатлон, 15 фоиз ба шаҳри Душанбе ва тақрибан 15 фоиз ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меоянд.

14. Дар ҷадвали 2 маълумот оид ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз рӯи сохтори ҷинс ва синну сол оварда шудааст.

Ҷадвали 2

Шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда. Сохтори ҷинсӣ ва синну солӣ. Тоҷикистон, соли 2016

| № | Гурӯҳҳо вобаста ба синну сол | Ҳамагӣ | % вобаста ба шумораи умумии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда | Мардон | Занон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 0-4-сола | 309 | 5,1% | 201 | 108 |
| 2 | 5-14-сола | 247 | 4% | 146 | 101 |
| 3 | 15-18-сола | 30 | 0,5% | 18 | 12 |
| 4 | 19-29-сола | 1735 | 28,4% | 879 | 856 |
| 5 | 30-39-сола | 2509 | 41% | 1752 | 757 |
| 6 | 40-49-сола | 1028 | 16,8 | 795 | 233 |
| 7 | 50-59-сола | 232 | 3,8% | 166 | 66 |
| 8 | 60-сола ва калон | 27 | 0,4% | 17 | 10 |
| | Ҳамагӣ | 6117 | 100% | 3974 (65%) | 2143 (35%) |

15. Тавре аз ҷадвали 2 аён аст, аз шумораи умумӣ шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаи ҷинси мард 65 фоиз ва занон 35 фоизро ташкил медиҳанд. Қисмати бештари сироятёфтагон ба синну соли 30-39 рост меоянд, ки он 41 фоизро дар бар мегирад. Қисми зиёди мардони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта дар синни 30-39-солагӣ ва занони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта дар синну соли 19-29-солагӣ мебошанд. Ба синну соли репродуктивӣ (15-49-сола) 5302 нафар сироятёфтагон ё 86,7 фоиз рост меоянд. Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаи синни 0-14-сола 556 нафарро ташкил медиҳанд, ки он ба 9,1 фоиз шумораи умумии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда баробар аст. 0,5 фоиз шумораи умумии ин шахсон ба синни 15-18-сола рост меояд. Ба таври умумӣ ба гурӯҳи 0-18-сола 9,6 фоиз шумораи умумии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда рост меоянд.

16. Дар ҷадвали 3 маълумот оид ба шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд (тибқи ҳолати то 1 январи соли 2016), оварда шудааст.

Ҷадвали 3

Шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд. Тоҷикистон, соли 2016

| Синну соли шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда | Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда | Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд | Фоизи фарогирӣ ба назорати диспансерӣ |
|---|---|---|---|
| 0-14-сола | 556 | 519 | 93,3% |
| 15-сола ва калон | 5561 | 4141 | 74,5% |
| Ҳамагӣ | 6117 | 4660 | 76,2% |

17. Тибқи рақамҳои ҷадвал сатҳи фарогирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба назорати диспансерӣ ба 76,2 фоиз баробар мебошад. Қариб ҳамаи кӯдакони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (93,3 фоиз) ба назорат фаро гирифта шудаанд.

18. Таҳлил нишон медиҳад, ки чоряки шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаи синну соли 15-сола ва боло (25,5 фоиз) сари вақт ба қабули хизматрасонии махсус муроҷиат намекунанд. Сабабҳои асосии зерин ба он мусоидат менамояд:

1) вуҷуд доштани табъиз дар байни аҳолӣ нисбати сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам ва тарси зиёди сироятшудагон оид ба овоза шудани мушкилии онҳо;

2) ҳароси падару модар нисбати овоза шудани сироятнокии фарзандаш дар ҷомеа;

3) мавҷуд будани далелҳои тамғагузории сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам ва тарси зиёди шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз овоза шудан ва аз даст додани ҷои кор;

4) паст будани сатҳи маълумотнокии як қатор сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам нисбати табобати зиддиретровирусӣ ва бартариҳои табобат барои солимӣ ва ҳаёти инсон;

5) омилҳои дохилии равонӣ дар баъзе шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки сабаби қабул накардани назорати диспансерӣ ва табобат мегарданд (то вазнин шудани ҳолати саломатии шахс);

6) имконоти бесамар шуморидани табобати зиддиретровирусӣ аз ҷониби баъзе нафарони сироятёфта;

7) мавҷудияти сатҳи баланди муҳоҷирати дохилию хориҷии аҳолии ҷумҳурӣ метавонад сабаби аз назорат дур мондани шахсони сироятёфта гардад;

8) омилҳои паст будани фаъолнокӣ аз ҷониби як қатор кормандони марказҳои маҳаллии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории вируси норасоии масунияти одам оид ба фарогирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба назорати диспансерӣ, инчунин паст будани сатҳи хизматрасониҳо ба муҳтоҷон.

19. Барои тасдиқи иловагии мавҷудияти табъиз ва тамғагузорӣ дар ҷумҳурӣ нисбати сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам, инчунин дар ин замина пайдо шудани ҳолатҳои худтабъизӣ, натиҷаи тадқиқот оид ба "Индекси тамғагузорӣ", ки дар моҳи ноябри соли 2015 амалӣ шуда буд, нишон дода мешавад (расмҳои 2 ва 3 (бо фоиз).




Расми 2. Шаклҳои поймолсозии ҳуқуқҳои шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар соҳаҳои тиббию иҷтимоӣ, таълимӣ ва касбӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2015 (бо фоиз)




Расми 3. Пайдошавии ҳолатҳои худтабъиз дар шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда

20. Дар ҷадвали 4 маълумот нисбати сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам, ки таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд ва дар давраи то 1 январи соли 2016 ба табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта шудаанд, оварда шудааст.

Ҷадвали 4

Фарогирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба табобати зиддиретровирусӣ

| Синну соли шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда | Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд | Шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки табобати зиддиретровирусӣ мегиранд | % фарогирии муҳтоҷон ба табобати зиддиретровирусӣ |
|---|---|---|---|
| 0-14-сола | 519 | 495 | 95,4% |
| 15-сола ва боло | 4141 | 2640 | 63,8% |
| Ҳамагӣ | 4660 | 3135 | 67,8% |

21. Тавре аз ҷадвал бармеояд, бештари кӯдакони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (95,4 фоиз), ки таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд, ба табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта шуда, онро идома дода истодаанд.

22. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи қонунҳои амалкунанда давлат ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда табобати зиддиретровирусии ройгонро кафолат додааст. Аз ин рӯ ҳар як нафар сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам имконият дорад, ки вобаста ба зарурат аз табобати ройгон бархурдор бошад. Айни замон таъмини доруҳои зиддиретровирусӣ бапуррагӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, асосан аз ҷониби Хазинаи глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа амалӣ карда мешавад. Норасогии доруворӣ то имрӯз ба мушоҳида нарасидааст.

23. Тибқи маълумоти дар ҷадвали 4 овардашуда, айни замон фарогирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки таҳти назорати диспансерӣ (4660 нафар) қарор доранд, ба табобати зиддиретровирусӣ 67,8 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар баробари ҳамаи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (6117 нафар) ба 51,3 фоиз баробар мебошад. Фарогирӣ ба табобати зиддиретровирусӣ аз ҳисоби шумораи эҳтимолии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам (тибқи баҳодиҳӣ -15721 нафар) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 19,9 фоиз мебошад. Ин нишондиҳанда сол аз сол беҳтар гардида, дар соли 2015 ба 1282 нафар расид (дар соли 2014 - 885 нафар).

24. Шурӯъ аз соли 2011 дар сатҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба оилаҳое, ки дар онҳо кӯдакони гирифтор ба вируси норасоии масунияти одам зиндагӣ мекунанд (то 16-сола), пешниҳоди кумакпулиҳои моҳонаи иҷтимоӣ ба андозаи 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №232) оғоз гардид. То имрӯз барои гирифтани чунин кумакпулӣ ба 440 нафар кӯдакони ба вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз ҷониби Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам" хулосаи тиббӣ дода шудааст. Дар солҳои охир барои таъмини ғизои кӯдаконе, ки аз модарони сироятёфта таваллуд шудаанд, дар

ҷумҳурӣ таъмини сарикасии чунин оилаҳо бо ғизои кӯдаконаи сунъӣ ба миқдори зарурӣ ба роҳ монда шуд.

25. Шурӯъ аз соли 2011 дар ҷумҳурӣ шумораи кӯдакони синну соли то 14-солаи сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам тамоюл ба болоравӣ намуд (ҷадвали 5). Дар 4 соли охир (2012-2015) шумораи ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакон зиёд гардида, аз 11,4 фоиз то 16,2 фоиз ҳамаи ҳодисаҳои нави сироятро ташкил дод.

26. Дар ҷумҳурӣ шумораи ҷамъшавандаи кӯдакони то 15-солаи ба вируси норасоии масунияти одам сироятёфта ба ҳолати 1 январи соли 2016 ҳамагӣ 636 нафарро (ҷадвали 5) ташкил медиҳанд, ки он ба 8,2 фоиз шумораи умумии сироятёфтагон баробар мебошад.

Ҷадвали 5

Тамоюли сирояти вируси норасоии масунияти одам
дар байни кӯдакон дар Тоҷикистон тайи солҳои 2002-2015

| | 2002-2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии ҳодисаҳои нави вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакони 0-14-сола | 8 | 13 | 5 | 12 | 15 | 71 | 132 | 129 | 122 | 129 | 636 |
| Бо фоиз | 1,2 | 3,2 | 1,7 | 2,7 | 1,5 | 7,2 | 16,2 | 14,7 | 12,2 | 11,4 | 8,2 |
| аз ҷумла паҳншавии сироят бо роҳи амудӣ (аз модар ба кӯдак) | 1 | 8 | 3 | 11 | 14 | 26 | 34 | 47 | 56 | 55 | 255 |
| аз ҷумла бо роҳи "номаълуми паҳншавӣ" (кӯдакон аз модарони вируси норасоии масунияти одам-манфӣ таваллудшуда) | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 | 45 | 98 | 82 | 66 | 74 | 371 |
| аз ҷумла ҳангоми хунгузаронӣ | 6 | 3 | 1 | - | - | - | - | - | - | - | 10 |

27. Дар 4-5 соли охир дар ҷумҳурӣ қариб ду маротиба шумораи кӯдакони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта бо роҳи "аз модар ба кӯдак" афзудааст. Ин масъала таҳлили дурусту амиқи сабабу омилҳои паҳншавиро бо ин роҳ талаб менамояд. Ҳамзамон баланд бардоштани сатҳу сифати чорабиниҳои пешгирикунанда дар байни занони синну соли қобили таваллуд, аз ҷумла занони ҳомила зарур мебошад.

28. Аз 129 нафар кӯдакони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфтаи соли 2015, 74 нафараш модарони сиҳат дошта (дар соли 2012- 98 нафар, дар соли 2013 - 82 нафар ва дар соли 2014- 66 нафар),

роҳи паҳншавии сироят ҳамчун "номаълум" гузошта шудааст. Шумораи умумии чунин кӯдакон аз соли 2009 то соли 2015 ба 371 нафар ё 58,2 фоиз аз шумораи умумии кӯдакони сироятёфта баробар аст.

29. Тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, сабаби асосии пайдошавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар кӯдакони дар боло қайдгардида (371 нафар) номаълум боқӣ мемонад. Эҳтимолияти паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ҳамчун сирояти дохилибеморхонагӣ вуҷуд дошта, инчунин ба паҳншавии сироят метавонанд, омилҳо ва ҳолатҳо, ба монанди амалиёти тиббӣ, ки умумияти пӯст ва пардаҳои луобии баданро вайрон месозанд (сӯрохсозии гӯш, хатнакунӣ, маҳсгарӣ бо сӯзан, холкӯбӣ ва ғайра) дар шароити хона низ таъсир расонанд.

30. Далел ва рақамҳои нишондодашуда, аз ташвишовар будани ҳолати эпидемикии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни ин гурӯҳ дарак дода, водор месозанд, ки кӯдакон ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ ворид карда шаванд. Нисбати ин гурӯҳ ба таври фаврӣ бояд маҷмӯи чорабиниҳои профилактикӣ бар зидди вируси норасоии масунияти одам ва дигар сироятҳои ба воситаи хун гузаранда қабул карда шавад. Инчунин зарур аст, ки чораҳои қатъӣ баҳри муайянсозии механизми паҳншавии ҳар як ҳодисаи роҳи гузаришаш "номаълум", дар алоҳидагӣ ҳам дар байни кӯдакон ва ҳам дар байни калонсолон андешида шавад.

31. Ба аҳолӣ дар ҳамаи муассисаҳо, утоқҳо ва ҷойҳои хизматрасонии маишӣ (сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, ҳуҷраҳои косметологӣ ва ғайра) новобаста аз шакли моликияташон, бехатарии тамоми хизматрасониҳо (сартарошӣ, ришгирӣ, маникюр, педикюр, амалиёти косметологӣ, сӯрохкунии гӯшҳо, хатна, татуаж, пирсинг), ки ба халалёбии комилияти пӯст ва пардаҳои луобӣ сабаб шуда метавонанд, бояд кафолат дода шавад. Ҳамаи мутахассисон, ки хизматҳои дар боло зикргардидаро мерасонанд, бояд нисбати асосҳои бехатарии сироятӣ омӯзонида шуда, оид ба масъулияташон ҳангоми вайронкунии речаи санитарию зиддиэпидемикӣ дар ҷои кори худ огоҳонида шаванд.

32. Аз оғози эпидемия то 31 декабри соли 2015 аз ҳисоби сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам бо сабабҳои гуногун 1592 нафар фавтидаанд, ки 20,7 фоизро аз шумораи умумӣ ташкил медиҳад. Шумораи умумии фавтидагон дар солҳои 1991-2015 дар минтақаҳои ҷумҳурӣ чунин мебошад: шаҳри Душанбе – 224 нафар (9,7 фоиз аз шумораи умумии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 194 нафар (40,5 фоиз), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 323 нафар (22 фоиз), вилояти Суғд – 381 нафар (24,4), вилояти Хатлон – 470 нафар (24,7 фоиз). Шумораи умумии фавтидагон дар ҷумҳурӣ дар 5 соли охир (2011-2015) ҳамагӣ 1075 нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора 585 нафараш аз бемории пайдошудаи норасоии масуният фавтидаанд. Нишондиҳандаҳои фавт дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

Ҷадвали 6

Ҳодисаҳои фавт дар байни сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2015

| Нишондиҳанда | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи фавтидагон дар байни сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам (шумораи умумӣ бо сабабҳои гуногун) | 182 | 214 | 232 | 234 | 213 |
| Аз ҷумла, шумораи фавтидагон аз бемории пайдошудаи норасоии масуният | 93 | 113 | 128 | 137 | 114 |

33. Бояд қайд намуд, ки табобати зиддиретровирусӣ, ки ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда таъин карда мешавад ва ҳамасола фарогирӣ ба он беҳтар шуда истодааст, инчунин маҷмӯи чораҳои пешгирикунанда, нигоҳубин ва дастгирии онҳо сабаби кам гардидани фавт дар байни сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам гардид.

34. Дар панҷ соли охир дар ҷумҳурӣ тамоюли баландшавии шумораи сироятёфтагони бемориҳои ҳамрадифи вируси норасоии масунияти одам/сил зиёд гардида, аз 49 ҳодиса дар соли 2009 ба 176 ҳодиса дар соли 2015 баробар гардид. Яке аз сабабҳои асосии зиёдшавии шумораи сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам/сил ин ворид намудани ташхиси вируси норасоии масунияти одам дар муассисаҳои зиддисилӣ ва фарогирии бештари сироятёфтагони сил ба ташхис мебошад, ки он сол аз сол беҳтар гардида истодааст. Дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ 9434 нафар сироятёфтагони сил аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаронида шуданд, ки дар 99 нафари онҳо сирояти вируси норасоии масунияти одам дарёфт гардид.

35. Аз ҳисоби сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам бошад дар 77 нафар сирояти сил дарёфт гардид. Мутаассифона, на ҳамаи сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам сари вақт аз ташхиси сил гузаронида мешаванд. Барои муайянсозии сирояти сил дар шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда таҳлили акси рентгении қафаси сина зарур мебошад. Аз сабаби набудани нишонаҳои клиникӣ на ҳама сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам аз ин ташхис мегузаранд. Аз ин рӯ, ба нақша гирифта шудааст, ки масъалаи мазкур бо истифодаи ташхиси молекулавии сил бо усули GenExpert бартараф карда шавад.

36. Тибқи маълумоти оморӣ бемории сил ҳанӯз ҳам яке аз сабабҳои асосии фавти сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам боқӣ мемонад. Дар соли 2015 ҳамагӣ 76 нафар сироятёфтагони бемориҳои ҳамрадифи вируси норасоии масунияти одам/сил фавтидаанд, ки 35,7 фоиз ҳамаи фавтидагони соли 2015-ро ташкил медиҳанд (бо сабабҳои гуногун).

37. Вобаста ба ин таъмини ташхиси саривақтӣ ва босифати сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам ба бемории сил хеле зарур мебошад. Фарогирии кӯдакони сироятёфтаи вируси

норасоии масунияти одам ба ташхиси сил яке аз самтҳои асосии фаъолият ба шумор меравад, чунки эҳтимолияти гирифторшавии кӯдакон ба намуди мутобиқгаштаи бемории сил нисбати ашхоси калонсол зиёдтар мебошад.

38. Ба гурӯҳҳои нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам хатари баланддошта нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ва маҳбусон дохил мешаванд.

39. Дар ҷадвали 7 маълумот оид ба шумораи нашъамандони тазриқӣ ва шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар ҷумҳурӣ тибқи баҳодиҳӣ оварда шудаанд.

Ҷадвали 7

Баҳодиҳии шумораи нашъамандони тазриқӣ ва шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар Тоҷикистон

| Гурӯҳи осебпазир | Шумора тибқи баҳодиҳӣ | Соли гузаронидани тадқиқоти баҳодиҳӣ |
|---|---|---|
| Нашъамандони тазриқӣ | 23 100 | 2014 |
| Шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ | 14 100 | 2014 |

40. Дар ҷадвали 8 бошад баҳодиҳии сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни намояндагони ин гурӯҳҳо, ки дар натиҷаи гузаронидани тадқиқот оид ба назорати дидбонии эпидемиологӣ ба даст омадаанд, нишон дода шудааст.

Ҷадвали 8

Маълумоти баҳодиҳии назорати дидбонии эпидемиологӣ оид ба паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳи осебпазири аҳолӣ

| Гурӯҳи осебпазир | Паҳншавии вируси норасоии масунияти одам | Соли баргузории назорати дидбонии эпидемиологӣ |
|---|---|---|
| Нашъамандони тазриқӣ | 12.9% | 2014 |
| Маҳбусон | 8.4% | 2013 |
| Шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ | 3,5% | 2014 |

41. Тибқи баҳодиҳӣ шумораи сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ (нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ) ҳамагӣ 3836 нафарро ташкил медиҳанд, ки ин шумора 24,4 фоизи шумораи умумии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам (тибқи баҳодиҳӣ-15721 нафар)-ро дар бар мегирад. Қисми боқимондаи сироятёфтагон (11264 нафар ё 75,6 фоиз) тибқи баҳодиҳӣ ба намояндагони дигар гурӯҳҳои аҳолӣ (муҳоҷирони меҳнатӣ, аъзои оилаҳои онҳо, ҷавонон, шарикони ҷинсии шахсони сироятёфта ва ғайра) рост меоянд.

42. Истифодаи маводи мухаддир бо роҳи тазриқӣ ба оғоз ва инкишофи эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон ба таври назаррас таъсир гузошт. Шурӯъ аз соли 2011 тамоюли пастшавии шумораи ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам бо роҳи тазриқӣ, ки асосан аз истифодаи тазриқии маводи мухаддир вобаста мебошад, ба мушоҳида расида, аз 412 ҳодиса дар соли 2011 то 245 ҳодиса дар соли 2015 кам гардид. Паҳншавии ҳодисаҳо бо роҳи тазриқӣ аз шумораи умумии сироятёфтагон дар солҳои 2011-2015 мутаносибан ба 41,7 фоиз ва 21,3 фоиз баробар шуд.

43. Натиҷаи дар боло нишондодашуда, аз ҳисоби зиёдшавии ҳамасолаи фарогирии нашъамандони тазриқӣ ба хизматрасониҳо дар доираи барномаи кам кардани зарар, аз ҷумла мубодилаи сӯзандоруҳо ва тесткунонӣ ба даст омаданд. Дар соли 2015 ба хизматрасониҳои нуқтаҳои боварӣ барои нашъамандони тазриқӣ ё ба ибораи дигар нуқтаҳои мубодилаи сӯзандоруҳо ҳамагӣ 13456 нафар, машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам 18192 нафар нашъамандони тазриқӣ фаро гирифта шуданд. Миқдори миёнаи сӯзандоруи тақсимшуда ба як нафар нашъамандони тазриқӣ тайи сол ба 283 адад (аз ҳисоби шумораи нашъамандони тазриқӣ тибқи баҳодиҳӣ) баробар шуд. Нишондиҳандаҳои фарогирӣ дар соли 2014 мутаносибан ба 11993, 13082 ва 214 баробар буд. Аҳамияти дигари муҳими нишондодҳои болозикр дар соли 2015 дар қиёс бо соли 2014 ва солҳои сипаригардида, аз беҳтар шудани дастрасии нашъамандони тазриқӣ ба хизматрасонӣ оид ба пешгирии беморӣ дарак медиҳад. Дар соли 2015 табобати зиддиретровирусӣ ба 275 нафар нашъаманди тазриқии сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам таъин карда шуд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2012 ба 158 нафар баробар буд.

44. Тибқи маълумоти омории расмӣ соли 2014 дар Тоҷикистон шумораи беморони нашъаманд, ки дар қайди марказҳои наркологӣ қарор доштанд, ба 7310 нафар баробар шуд, ки аз онҳо 7111 нафарашро (97,3 фоиз) мардон ва 199 нафарашро (2,7 фоиз) занон ташкил доданд. Зиёда аз 60 фоизи онҳо нашъамандони тазриқӣ мебошанд. Инчунин тибқи маълумоте, ки дар натиҷаи гузаронидани тадқиқот оид ба "Баҳодиҳии шумораи нашъамандони тазриқӣ ва шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар соли 2014 аз ҷониби Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам" бо иштироки мушовири байналмилалӣ гузаронида шуд, шумораи нашъамандони тазриқӣ дар ҷумҳурӣ 23100 нафарро ташкил дод.

45. Тибқи маълумоти назорати дидбонии эпидемиологӣ дар байни нашъамандони тазриқӣ (бо фарогирии 2200 нафар) дар соли 2014 паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ 12,9 фоиз, паҳншавии ҳепатити вирусии С- 22,7 фоиз ва оташак - 4,5 фоизро ташкил дод. Нишондодҳои

муқоисавии назорати дидбонии эпидемиологии соли 2011 мутаносибан ба 13,5 фоиз, 24,9 фоиз ва 7,4 фоиз баробар буданд.

46. Кам гардидани сатҳи паҳншавии вируси норасоии масунияти одам, ҳепатити вирусии С ва оташак дар байни нашъамандони тазриқӣ (назорати дидбонии эпидемиологии солҳои 2011-2014) аз самаранокии чорабиниҳо, ки дар ҷумҳурӣ дар байни ин гурӯҳ амалӣ мегарданд, дарак медиҳад.

47. Ҳарчанд солҳои охир дар байни намояндагони ин гурӯҳ сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам кам гардида бошад ҳам, аз сабаби хусусияти хос доштани онҳо ҳама вақт бояд дар зери назорати қатъӣ бошанд. Баръакс бояд сифати чорабиниҳо барои паст намудани зарар дар байни нашъамандони тазриқӣ боз ҳам пурзӯр карда шаванд.

48. Чорабиниҳои маҷмӯӣ чун пештара бо дарназардошти ҳама хатарҳои мавҷудбуда барои солимии намояндагони ин гурӯҳ (пешгирии вируси норасоии масунияти одам, сил, ҳепатити вирусии С, пешгирӣ ва табобати бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, табобати нашъамандӣ ва ғайра) амалӣ гардонида шаванд. Дар ҳолати дарёфт намудани сирояти вируси норасоии масунияти одам дар нашъамандони тазриқӣ зарур аст, ки ҳарчи барвақт табобати зиддиретровирусӣ оғоз карда шуда, сироятёфта дар бораи зарурат ва самаранокии табобат бояд огоҳ карда шавад.

49. Шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ яке аз гурӯҳҳои махсус ва нисбати вируси норасоии масунияти одам хатари баланди сироятёбидошта ба шумор рафта, дар инкишофи эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар ин ё он давлати дунё таъсиргузор мебошанд. Таъсири онҳо аз як қатор омилҳое, ки намояндагони ин гурӯҳро нисбати ин сироят осебпазир намудааст, вобастагӣ доранд. Ба ин омилҳо дохил мешаванд: маҳдудиятҳо дар дастрасии шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо ва фурӯши одамон; маҳдудият дар дастрасии маълумот ва маводи пешгирикунандаи сироятҳо; табъизу тамғагузорӣ; хатарҳо вобаста ба тарзи ҳаёти намояндагони ин гурӯҳ (зӯроварӣ ва ғайра) ва истифодаи аз меъёр зиёди маводи нашъадор ва спиртӣ.

50. Дар Тоҷикистон даст задан ба фоҳишагӣ ҳамчун қонунвайронкунии маъмурӣ гурӯҳбандӣ гардидааст. Ин амал дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 130 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гардида, дар ҳолати вайронкунии он ҷазо дар намуди ҷарима ва ҳабси маъмурӣ пешбинӣ гардидааст.

51. Тибқи маълумоте, ки дар натиҷаи гузаронидани тадқиқот оид ба "Баҳодиҳии шумораи нашъамандони тазриқӣ ва шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар соли 2014 ба даст омаданд, шумораи шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ дар ҷумҳурӣ 14100 нафарро ташкил медиҳад.

52. Назорати дидбонии эпидемиологӣ дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ (бо фарогирии 1300 нафар) дар соли 2014 нишон дод, ки паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар

байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ 3,5 фоиз (назорати дидбонии эпидемиологии соли 2011-3,7 фоиз), паҳншавии ҳепатити вирусии С - 4,2 фоиз (назорати дидбонии эпидемиологии соли 2011-2,5 фоиз) ва оташак-10 фоиз (назорати дидбонии эпидемиологии соли 2011-14,6 фоиз)-ро ташкил дод. Мавҷуд будани сирояти оташак дар шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ аз эҳтимолияти хатари баланди сироятнокшавии вируси норасоии масунияти одам дарак медиҳад. Сироятнокии шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ бо ҳепатити вирусии С аз истифодаи маводи мухаддири тазриқӣ дарак дода, инчунин дар баробари роҳи алоқаи ҷинсӣ, нишондиҳандаи хатари баланди сироятнокшавӣ ба вируси норасоии масунияти одам бо роҳи тазриқӣ низ шуда метавонад.

53. Ҳарчанд, ки сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ он қадар баланд ҳам набошад, пурзӯр намудани чорабиниҳои профилактикӣ дар ин самт зарур мебошад. Шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ҳамчун гурӯҳи дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам ва сироятҳои тавассути акоқаи ҷинсӣ гузаранда дар оянда низ яке аз самтҳои асосии фаъолияти соҳа ва Барномаи мазкур боқӣ мемонад.

54. Маҳбусон низ ба гурӯҳи дорои хатари баланд нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам шомил мебошанд. Тибқи маълумоти назорати дидбонии эпидемиологӣ, ки дар соли 2013 дар ҷумҳурӣ дар байни 800 нафар маҳбусон гузаронида шуда буд, сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳбусон ба 8,4 фоиз (назорати дидбонии эпидемиологии соли 2010-9,0 фоиз) ҳепатити вирусии С ба 11,0 фоиз (18 фоиз) ва оташак ба 13,1 фоиз (9 фоиз) баробар мебошад.

55. Мутобиқи ҳолати то 1 январи соли 2016 тибқи маълумоти омори расмӣ шумораи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар маҳбас 222 нафар буда, аз онҳо 130 нафарашон табобати зиддиретровирусиро идома дода истодаанд. Ба ҳамаи онҳо дар соли 2015 аз ҷониби табиби силшинос машварат дода шуда, 59 нафарашон ба табобати пешгирикунандаи сирояти сил бо изониазид фаро гирифта шуданд.

56. Дар солҳои охир ба танзим даромадани сатҳи сироятнокшавӣ бо вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳбусон, паст гардидани сатҳи паҳншавии ҳепатити вирусии С аз гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳо оид ба истифодаи лавозимоти безарари тиббӣ, машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва табобати зиддиретровирусӣ вобастагӣ дорад.

57. Новобаста аз ин нишондиҳандаҳои паҳншавии ҳамаи се сироят дар байни маҳбусон то ҳанӯз баланд боқӣ монда, дар самти фаъолиятҳо нисбати пешгирӣ, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам дар низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ беҳбудиҳоро талаб менамояд.

58. Тибқи маълумоти Хадамоти федералии муҳоҷирати Федератсияи Россия шумораи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар ҳудуди ин давлат қарор доранд, то 12 январи соли 2016  862321 нафар, аз ҷумла 81,2 фоиз мардон ва 18,8 фоиз занонро ташкил медиҳанд, ки аксарияти онҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар байни мардон 47,8 фоиз ва аз ҳисоби занон 34,3 фоизро ҷавонони синни 18-29-сола ташкил медиҳанд. Айни замон асосан дар масъалаи муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ Федератсияи Россия ва баъдан Ҷумҳурии Қазоқистон барои шаҳрвандони Тоҷикистон давлатҳои серталабот ба шумор мераванд.

59. Омори расмӣ нишон медиҳад, ки сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони пештар дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордошта зиёд гардида, дар соли 2015 онҳо 165 нафар, аз ҷумла 151 нафар мард ва 14 нафар занро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда ба 14,3 фоизи ҳамаи ҳодисаҳои нави сироят дар соли 2015 (65 нафар ё 7,7 фоиз дар соли 2012) баробар мебошад. Роҳи асосии паҳншавии сироят дар байни нафарони дар гузашта дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда дар соли 2015 асосан (151 нафар ё 91,5 фоиз) алоқаи ҷинсӣ мебошад.  Маълумоти солҳои охир нишон медиҳанд, ки шавҳарони қариб ҳамаи занони ҳомиладори сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам дар солҳои қаблӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ буданд ва онҳо низ сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам мебошанд.

60. Далел ва рақамҳои овардашуда бевосита мавҷуд будани пайвастагиро байни муҳоҷирати байналмилалии меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва зиёд гардидани дарёфти ҳодисаҳои нави сироятёбии вируси норасоии масунияти одам дар ҷойи муқимии зист нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, зарурати ворид намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ ба миён омада, дар байни онҳо ва шарикони ҷинсии онҳо гузаронидани маҷмӯи чораҳои профилактикӣ оид ба пешгирии паҳншавии вируси норасоии масунияти одам, сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сил зарур мебошад.

61. То моҳи январи соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ҷавонони 15-19-сола 865,5 ҳазор (10,4 фоиз) нафар, 20-24 сола 855,5 ҳазор (10,2 фоиз) нафар, 25-29-сола 807,3 ҳазор (9,7 фоиз) нафарро ташкил дода, ҳамагӣ синну соли 15-29-сола ба 2528300 нафар ё 30,3 фоиз аҳолӣ баробар буд.

62. Дар январи соли 2016 тибқи маълумоти Хадамоти федералии муҳоҷирати Федератсияи Россия дар ҳудуди ин давлат 334999 нафар мардони шаҳрванди Тоҷикистон (47,8 фоиз аз шумораи умумии мардони муҳоҷир) ва 55407 нафар занони шаҳрванди Тоҷикистон (34,3 фоиз аз шумораи умумии занони муҳоҷир) дар синну соли 18-29-сола қарор доштанд. Ҳамагӣ ҷавонони синни 18-29-сола аз Тоҷикистон дар ҳудуди Федератсияи Россия 390406 нафар ё 45,3 фоизи шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатиро ташкил медиҳанд.

63. Тавре аз натиҷаи тадқиқоти миллӣ оид ба муайянсозии сатҳи маълумотнокӣ, таҷриба ва рафтор оид ба пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни аҳолии 15-49-солаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷавонони 15-24-сола- 38,8 фоиз) нишон медиҳад, фоизи ҷавонони 15-24-сола, ки то синни 15-солагӣ алоқаи ҷинсӣ доштанд, ба 1,1 фоиз баробар буд. Ин нишондиҳанда дар соли 2012 0,68 фоизро ташкил медод. Танҳо наздики 50 фоиз пурсидашудагони синну соли 15-24-сола ба саволҳо оид ба усулҳои пешгирии сироятёбии вируси норасоии масунияти одам бо роҳи алоқаи ҷинсӣ дуруст ҷавоб дода тавонистанд. Ҷавонони 15-19-сола дар 38 фоиз ва 20-24-сола дар 71фоиз ҳолатҳо аз доштани алоқаҳои ҷинсӣ хабар дода, мутаносибан 16,1 фоиз ва 25,4 фоизи ҷавонон нисбати зиёда аз як нафар шарики ҷинсӣ доштанашон маълумот доданд. Истифодабарии рифола аз ҷониби ҷавонон дар сатҳи хеле паст қарор дошта, дар 70 фоиз ҳолатҳо онҳо аз алоқаи ҷинсии бехатар худдорӣ намудаанд. Инро ба инобат гирифта хулоса намудан мумкин аст, ки ҷавонон низ ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам шомил буда, дар байни онҳо гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунандаи сирояти вируси норасоии масунияти одам ва сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда ҳатмӣ мебошад.

64. Дар соли 2014 шумораи таваллуд дар Тоҷикистон ҳамагӣ 242635 нафар ва миқдори занони ҳомиладор 248129 нафарро ташкил дод. Шурӯъ аз соли 2011 дар ҷумҳурӣ гузаронидани скрининги унверсалии занони ҳомиладор оид ба дарёфти вируси норасоии масунияти одам бо истифодаи стратегияи "opt out" (ташхис оид ба вируси норасоии масунияти одам, ки ба ҳама занони ҳомиладор тавсия гардида, ҳамаи онҳо фаро гирифта мешаванд) оғоз карда шуд.

65. Дар солҳои охир зиёда аз 80 фоиз занони ҳомила дар ҷумҳурӣ ба тесткунонӣ фаро гирифта мешаванд. Ин сабаб гардид, ки дар байни миқдори муайяни занони ҳомиладор мавҷудияти сирояти вируси норасоии масунияти одам аниқ карда шуда, чораҳои пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак амалӣ гардонида шаванд. Маълумот оид ба шумораи занони ҳомиладори бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта дар ҷадвали 9 оварда шудааст.

Ҷадвали 9

Сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни занони ҳомила дар Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2015

| Солҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи занони ҳомилаи бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта | 75 | 100 | 112 | 168 | 174 |

66. Дар соли 2015 шумораи занони ҳомила, ки бо вируси норасоии масунияти одам сироят гардидаанд, 174 нафарро ташкил

дод, ки аз ин шумора 168 нафар ё 96,6 фоиз ба табобати зиддиретровирусӣ ва табобати пешгирикунандаи вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак фаро гирифта шуданд. Новобаста аз ин, зиёдшавии шумораи ҳодисаҳои нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни кӯдакони бо роҳи амудӣ сироятёфта боиси нигаронист. Дар соли 2015 шумораи чунин кӯдакон 55 нафарро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар солҳои 2011 ба 26 нафар, 2012 ба 34 нафар, 2013 ба 47 нафар ва 2014 ба 56 нафар баробар буд.

67. Вобаста ба ин зарур аст, ки сабаби муроҷиат накардани як қисмати муайяни занони ҳомила барои назорат дар муассисаҳои пеш аз таваллуд (тибқи маълумоти оморӣ 7,4 фоиз занон соли 2014 дар ҷумҳурӣ дар шароити хона таваллуд кардаанд) ва нагузаштани онҳо аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам бояд ба таври саҳеҳ омӯхта шавад.

68. Амалисозии чораҳои қатъӣ барои фарогирии ҳамаи занони ҳомила дар ҷумҳурӣ ва назорати онҳо дар муассисаҳои пеш аз таваллудӣ зарур буда, гузаронидани маҷмӯи хизматрасониҳои пешгирикунанда вобаста ба ташхис, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ (ҳангоми зарурат) оид ба вируси норасоии масунияти одам хеле муҳим мебошад.

## БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ЧОРАҲОИ ЗИДДИЭПИДЕМИКӢ

69. Ба хатари паҳншавии эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса дода мешавад. Чораҳои зиддиэпидемикӣ бар зидди ин сироят яке аз самтҳои асосии фаъолияти тандурустии ҷамъиятии кишвар ба шумор меравад.

70. Ҷумҳурии Тоҷикистон Эъломияи пайравӣ ба фаъолият дар самти мубориза бо вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният (Иҷлосияи махсуси Маҷлиси умумии Созмони Милали Муттаҳид, соли 2001)-ро қабул намуда, дар қатори давлатҳои дунё яке аз аввалинҳо шуда Стратегияи миллии рушдро, ки дар он мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар мувофиқа бо Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ 6, нишондиҳандаи асосии 7) нишон дода шудааст, таҳия ва мавриди амал қарор дод. Дар доираи иҷрои Стратегияи миллии рушд дар Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 баҳри пешгирии бемориҳои сироятӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуда, дар коҳиш додани сарбории эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният саҳми босазо гузошта шуд.

71. Илова бар он, ки Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар баробари дигар самтҳои афзалиятнок, ки дар Стратегияи миллии рушд қабул шудаанд, чораҳои ҳозираи бахши тандурустиро низ дар бар мегиранд. Эҷод намудани муҳити солим барои ҳаёт ва беҳтар

намудани солимии аҳолӣ, аз ҷумла гурӯҳҳои осебпазири он - ҳадафи асосии Стратегияи миллии солимии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 ба шумор меравад. Ин Стратегия чораҳоеро дар бар мегирад, ки барои дастрасии ҳамаи аҳолӣ ба чораҳои пешгирикунанда, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният равона гардидаанд.

72. Дар Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар давраи солҳои 2011-2015 ба масъалаҳои гендерӣ дар чораҳои миллӣ оид ба муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам диққати махсус зоҳир гардида буд. Аввалин маротиба дар ин ҳуҷҷати муҳим масъалаҳои занону духтарон ва баробарии гендерӣ дар масъалаҳои вируси норасоии масунияти одам, ки дар натиҷаи тадқиқот оид ба дастрасии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти баробарии гендерӣ ба даст омада буданд, ба таври возеҳ инъикос гардиданд.

73. Соли 2014 дар доираи амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният" дар ҷумҳурӣ ҳамаи маҳдудиятҳо нисбати шаҳрвандони дигар давлатҳо, ки сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам мебошанд, вобаста ба воридшавӣ, буду бош ва зиндагӣ дар Тоҷикистон барҳам дода шуданд.

74. Соли 2009 дар ҷумҳурӣ баҳодиҳии маҷмӯии хароҷоти миллӣ вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам ҷорӣ карда шуд, ки дар доираи он маблағгузории самтҳои афзалиятнок таҳлил карда мешаванд. Ин баҳодиҳӣ дар ду сол як маротиба амалӣ карда мешавад.

75. Хароҷоти умумӣ дар самти пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар давраи солҳои 2008-2013 зиёда аз 10 маротиба бештар гардида, дар соли 2013 67 миллион доллари америкоиро ташкил дод. Ҳарчанд дар панҷ соли охир аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ хеле зиёд гардида бошад ҳам, дар самти муқовимат бо эпидемия бештари чорабиниҳо аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

76. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам асосан дар масъалаҳои омодасозии мутахассисон, таъмини маоши онҳо, таъмини иморат ва хароҷоти ҷорӣ, инчунин қисман харидорӣ намудани маводи ташхисӣ ва дорувориҳо барои табобати сироятҳои оппортуникӣ саҳмгузор мебошад.

77. Ҳамоҳангии ҳамаи фаъолиятҳо дар самти муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа амалӣ гардонида мешавад. Дар сохтори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва

варақа дар баробари Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз намояндагони дигар вазорату идораҳои дахлдор, созмонҳои байналмилалӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда шомил гардидаанд. Айни замон дар Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва варақа 22 ташкилот, аз ҷумла 9 иттиҳодияи ҷамъиятӣ, 10 сохтори давлатӣ ва 3 созмони байналмилалӣ аъзо мебошанд. Кумита ба таври мунтазам на камтар аз чор маротиба дар як сол ҷаласаҳо гузаронида, масъалаҳои муҳимро дар самти пешгирии сироятҳои вируси норасоии масунияти одам, сил ва варақа мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

78. Айни замон дар Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва варақа панҷ гурӯҳи корӣ бо ҳайати муайян ва уҳдадориҳои тасдиқгардидаи вазифавӣ фаъолият менамоянд: 1) Арзёбӣ ва баҳодиҳӣ; 2) Табобат; 3) Паст намудани зарар; 4) Қонунгузорӣ ва сиёсат; 5) Иттилоот, дониш ва коммуникатсия.

79. Дар назди Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2003 гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба нигаҳдории тандурустӣ дар ин сохтор фаъолият мекунад.

80. Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва варақа бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо федератсияҳои варзишӣ чорабиниҳо бар зидди моводи мухаддир, зӯроварӣ нисбати занон, вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният барпо менамоянд.

81. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти хеш нисбати муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам бо ҷомеаи ҷаҳонӣ зич ҳамкорӣ дорад. Дар самти амалисозии барномаҳои миллӣ дастгирии техникию молиявии дуҷониба: Ҳукумати Федератсияи Россия ва Нақшаи фавқулоддаи Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка оид ба расонидани кумак нисбати пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бисёрҷониба: Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва варақа, агентиҳо ва муассисаҳои Созмони Милали Муттаҳид (Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид, Барномаи муштараки Созмони Милали Муттаҳид оид ба вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ, Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид, Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид, Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ ва ғайра) зиёд мебошад.

82. Пешгирии вируси норасоии масунияти одам яке аз ҷузъҳои асосӣ ва муҳими муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии

масунияти одам дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, он аз чораҳои таъсири аввалия (пешгирии аввалия) ва дуюмдараҷа (пешгирии дуюмдараҷа) иборат мебошад.

83. Яке аз чораҳои муҳими пешгирикунанда дар самти пешгирии эпидемияи вируси норасоии масунияти одам - машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам мебошад, ки дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст ва он бо принсипи тесткунонӣ ҳамчунин ташхис ва пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам амалӣ гардонида мешавад. Машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ дар ташхисгоҳҳои марказҳои вируси норасоии масунияти одам ва дигар муассисаҳои вазифадори тандурустии кишвар (марказҳои солимии репродуктивӣ, таваллудхонаҳо, муассисаҳои пӯсту зуҳравӣ, наркологӣ, зиддисилӣ ва сохтори хусусӣ) амалӣ карда мешавад.

84. Дар ҷадвали 10 маълумоти умумӣ оид ба машваратдиҳӣ ва тесткунонӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ (солҳои 2012-2015) нишон дода шудааст.

Ҷадвали 10

Машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2012-2015

| Нишондиҳанда | 2012 | | 2013 | | 2014 | | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи шахсони санҷидашуда (Машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ) | 453 836 | | 517 376 | | 647978 | | 597 426 | |
| Фоизи мардон ва занон аз шумораи умумии санҷидашудагон | З | М | З | М | З | М | З | М |
| | 75,9% | 24,1% | 78,3% | 21,7% | 80,4% | 19,6% | 76,5% | 23,5% |

85. Аз ҷадвали 10 маълум мебошад, ки фарогирии аҳолӣ дар соли 2015 ба тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам паст гардидааст, ки он асосан бо харидорӣ нагардидани тестҳои фаврӣ бо мақсади фарогирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва занони ҳомиладор дар доираи амалисозии сармояи Хазинаи глобалӣ оид ба мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа бо усули нави маблағгузорӣ вобаста мебошад.

86. Бояд қайд намуд, ки ҷумҳурӣ бомаром таҷрибаи хариди тестҳои фавриро барои фарогирии занони ҳомила аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ҷорӣ намуда истодааст. Инчунин дар ҷадвали 10 ба мушоҳида мерасад, ки ҳамасола шумораи занон ба ҳисоби миёна 75-80 фоиз ва шумораи мардон 20-25 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда аз шумораи умумии занони кишвар ба 12 фоиз ва аз шумораи умумии мардон танҳо ба 3 фоиз баробар мебошад. Аз ин рӯ, зиёд намудани фарогирии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки бештари онҳоро мардон ташкил медиҳанд, ба тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам зарур мебошад.

87. Дар ҷадвали 11 маълумот оид ба тесткунонӣ ва машваратдиҳӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷамъоварӣ гардидаанд.

Ҷадвали 11

Машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2015

| Нишондиҳанда | Душанбе | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи шахсони санҷидашуда (машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ) | 118 831 | 27 799 | 118 775 | 198 916 | 133 105 | 597 426 |
| Бо фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ | 15,1% | 13% | 6,2% | 6,7% | 5,4% | 7,2% |

88. Тавре аз ҷадвали 11 аён аст, сатҳи пасти фарогирии аҳолӣ ба тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам дар вилояти Суғд-5,4 фоиз (нисбати аҳолии умумӣ), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ-6,2 фоиз, вилояти Хатлон-6,7 фоиз ва дар ҷумҳурӣ 7,2 фоиз ба мушоҳида мерасад.

89. Дар соли 2015 ҳуҷҷати зарурӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷозат додани машваратдиҳӣ ва тесткунонии ихтиёрӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар самти пешгирии вируси норасоии масунияти одам фаъолият мекунанд, қабул гардид. Аз ин рӯ, умед аст, ки дар ин самт низ пешравиҳои назаррас ба мушоҳида расанд.

90. Вобаста ба тесткунонии аҳолӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва мавҷуд будани шумораи нафароне, ки роҳи паҳншавии сироят дар онҳо "номуайян" мебошад, дарояндаи наздик аз нав дида баромадани рӯйхати тахассусҳое, ки намояндагони онҳо бояд ба ташхиси ҳатмӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта шаванд, тавсия дода мешавад. Аз ҷумла ташхиси тиббии ҳатмии ҳарсола ба кормандони салонҳои муд (сартарошхонаҳо ва ғайра) тавсия дода мешавад, чунки ҳангоми хизматрасониҳои онҳо, аз ҷумла риштарошӣ, маникюр, педикюр ва хизматрасониҳои косметологӣ ва ғайра ҷароҳатёбии пӯсти бадани мизоҷон имконпазир аст. Инчунин фарогирии ҳамасолаи кормандони муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, новобаста аз шакли моликияташон, тибқи талаботи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба тесткунонӣ зарур мебошад.

91. Бехатарии хун - зарурати таъмини сифати хуни донориро ҳам аз ҷиҳати бехатарии он барои хунқабулкунандагон аз сироятҳои тавассути хун гузаранда (вируси норасоии масунияти одам, ҳепатитҳои B ва C ва ғайра) ва ҳам аз ҷиҳати истифодаи самаранок ва дурусти он дар амалия инъикос менамояд.

92. Таъмини миқдори зарурии хуни бехатар яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи сиёсати миллӣ ва инфрасохтори тандурустии ҳар як мамлакат ба шумор меравад. Тибқи тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ҳамаи фаъолиятҳо, вобаста ба ҷамъоварӣ, тесткунонӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва дастрас намудани хун бояд дар доираи сиёсати миллӣ ва ташкили самараноки он ҳамоҳанг карда шаванд. Чунин фаъолият бояд аз қонунгузории дуруст бо мақсади истифодаи ягонаи стандартҳо ва таъмини сифат ва бехатарии хун ва ҷузъҳои он асос гирад.

93. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини бехатарӣ ва сифати хун, системаи электронии хадамоти хун ҷорӣ карда шудааст. Дар ҷумҳурӣ феҳристи миллии донорони хун ва ҷузъҳои он ташкил карда шудааст. Назорати сироятҳо дар маводи хун дар ташхисгоҳи сироятҳои трансмиссивӣ (вируси норасоии масунияти одам, ҳепатитҳо, оташак) таъмин карда мешавад. Новобаста аз ин, дар ҷумҳурӣ системаи мунтазами донории хун, инактиватсияи вирусҳо, карантинкунонии хун ва ғайра ба танзим дароварда нашуда, усулҳои автоматикии ташхиси хуни донорӣ барои дарёфти барангезандагони сироятҳо ҷорӣ карда нашудааст. Дар ҷараёни таъмини хуни бехатар, истифодаи самаранок ва ратсионалии он дар муассисаҳои табобатӣ аҳамияти калон дорад. Чунки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои хунгузаронӣ дар сурати мавҷуд набудани нишондодҳои тиббӣ ва истифодаи усулҳои хатарноки хунгузаронӣ ба беморон ҷой дорад, ки он дар навбати худ метавонад, сабаби пайдошавии оризаҳои вазнин ба хунгузаронӣ ва гирифторшавӣ ба сироятҳои тавассути хун гузаранда гардад.

94. Яке аз чораҳои муҳим барои таъмини истифодаи ратсионалӣ ва самараноки хун дар амалияи тиббӣ инҳо мебошанд:

1) омӯзиши мунтазами кормандони тиб нисбати меъёрҳои ҳозиразамон ва дастурҳои асоснокшуда оид ба истифодаи хун ва ҷузъҳои он дар амалия;

2) иттилоотнокии васеи аҳолӣ, ки дар бештари ҳолатҳо хунгузарониро ҳамчун сабаби гирифтории як қатор бемориҳо медонанд, дар он хусус, ки ин амалиёти тиббӣ хатарҳои муайян дорад ва бояд ба таври ҷиддӣ бо нишондоди мушаххас гузаронида шавад.

95. Пешгирии эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар соҳаи танурустии кишвар хароҷоти зиёдро талаб менамояд. Ба мақсади самаранокии муқовимат бо ин эпидемия, ки дар он чорабиниҳо оид ба хизматрасонии тиббӣ ва ғайра дохил мегарданд, маблағи иловагӣ ва аз нав тақсим намудани маблағҳои мавҷудбудаи соҳаи тандурустӣ лозим мебошад.

96. Мушкилоти мавҷудбуда дар соҳаи тандурустии кишвар нисбати хизматрасониҳои тиббӣ, аз ҷумла дар соҳаи мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам метавонад ба ҷараёни муқовимат ба ин эпидемия таъсири манфӣ расонида, ҳамзамон мушкилоти дарёфти маблағро дар ин самт боз ҳам вазнинтар созад.

97. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки корҳо дар самти ташкил намудани низоми ҳамгироии хизматрасониҳои тиббӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам идома ва мукаммал карда шаванд. Дар навбати аввал, ин ба хизматрасониҳо дар самти вируси норасоии масунияти одам ва сил дар системаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, хизматрасониҳои муташаккил оид ба пешгирии паҳншавии сироят аз модар ба кӯдак, на танҳо нисбати пешгирии вируси норасоии масунияти одам, балки дар умум ба ҳифзи сиҳатии модару кӯдак ва солимии репродуктивӣ дахл дорад.

98. Дар шароити маҳдуд гардидани маблағгузорӣ бо мақсади самаранокии муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам идомаи корҳо дар самти адаптатсияи низоми хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ зарур аст. Соддатар намудани низоми ташхис ва реҷаҳои табобати вируси норасоии масунияти одам бе халалрасонӣ ба сифати он ба беҳтар гардидани корҳо дар самти ҳамгироии низоми хизматрасонӣ сабаб гардида, барои бартараф гардидани мушкилоти табобат, нигоҳубин ва дастгирии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам мусоидат менамояд. Андешидани чунин чораҳо метавонанд натиҷаҳои хуб дода, дар маҷмӯъ муқовиматро нисбат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам самарабахш гардонанд.

99. Баъди тасдиқ гардидани ташхис то охири умр, шахсони ба вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар баробари хизматрасониҳои тиббӣ, ба нигоҳубин ва дастгирӣ низ эҳтиёҷ доранд. Хизматрасониҳо оид ба нигоҳубин ва дастгирӣ бояд ба таври маҷмӯӣ гузаронида шуда, онҳо аз дастгирии равонӣ, иҷтимоӣ, ҷисмонӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ ва ҳуқуқӣ иборат мебошанд. Расонидани чунин кумакҳо ба шахсоне, ки ба нигоҳубини сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам машғуланд, низ зарур мебошад.

100. Сифат ва самаранокии хизматрасониҳо нисбати пешгирӣ, табобат ва дастгирӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам бояд ба таври мунтазам дар доираи системаи ягонаи арзёбӣ ва баҳодиҳии самарабахшии ҷараёни муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар мамлакат назорат карда шавад.

101. Маълумоти васоити ахбори омма (ҳафтаномаҳо, маҷаллаҳо, радио, телевизион ва ғайра), ки бештари аҳолӣ ба он боварӣ доранд, ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам ба таври умумӣ назари ҷомеаро нисбати масъалаҳои вируси норасоии масунияти одам дигаргун месозад. Инчунин ин маълумот метавонад ба ақидаи одамон ва дар оянда ба рафтори онҳо таъсиргузор бошад.

102. Ҳангоми омодасозии маводи чопӣ ва дигар иттилоот, ташкилотҳо (муаллифон) ба стандартҳои қабулшудаи умумӣ оид ба таҳияи мавод кам аҳамият дода, "гурӯҳҳои фокусӣ" намегузаронанд ва маводи худро дар байни гурӯҳҳои таҷрибавӣ (намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироят ва осебпазири аҳолӣ) баррасӣ намесозанд. Дар ҳолатҳои зиёд сатҳи дониш ва фаҳмиши гурӯҳҳои пилотӣ ба инобат гирифта намешавад.

103. Асосан аз сабаби набудани маблағҳои кофӣ, пешниҳоди рекламаҳои иҷтимоии беруна дар мавзӯи пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам қариб, ки ба мушоҳида намерасад. Сатҳи истифодаи расонаҳои нав, аз ҷумла алоқаи мобилӣ хеле паст буда, дар самти пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва иттилооти аҳолӣ қариб истифода бурда намешавад.

104. Масъалаҳои дар боло зикргардида, инчунин уҳдадориҳои нави ҷумҳурӣ ва ҷаҳонро дар доираи стратегияи нави Барномаи муштараки Созмони Милали Муттаҳид оид ба вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният дар давраи солҳои 2016-2021 оид ба боз доштани эпидемияи вируси норасоии масунияти одам то соли 2030 ба инобат гирифта, таҳия ва тасдиқи стратегияи ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Дар ин маврид истифодаи таҷрибаи як қатор давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, ки дар фаъолияти хеш оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам чунин стратегияи иттилоотиро таҳия ва амалӣ намудаанд, хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

## БОБИ 3. ҲАДАФ, ПРИНСИПҲО ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМАИ МИЛЛӢ ОИД БА МУҚОВИМАТ БА ЭПИДЕМИЯИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2020

105. Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам барои солҳои 2017-2020 дар асоси ҳолати эпидемикии сирояти вируси норасоии масунияти одам ва таҳлили муқовимати миллӣ бар зидди ин сироят таҳия гардид.

106. Барнома ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2020-ро инъикос намуда, чораҳоро барои таъмини дастрасии ҳамаи аҳолӣ ба пешгирӣ, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам дар бар мегирад. Барнома дар

фаъолиятҳои умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба даст омадани Ҳадафҳои рушди устувор саҳмгузор мебошад.

107. Барнома ба якчанд принсипҳои зерини роҳбарикунанда нигаронида шуда, онҳо нисбати самтҳои афзалиятноки Барнома ба истифода бурда мешаванд ва ҳамаи онҳо метавонанд ҳангоми банақшагирии миллӣ ва хизматрасониҳо якхела таъсиргузор бошанд:

- арзёбӣ, ки аз натиҷаҳо ва маълумоти дақиқ асос ёфтааст – таъмини иттилооти нави стратегӣ доимо ба амалисозии чорабиниҳо дар ҳама сатҳ ва мутобиқгардонии стратегия таъсир расонида, барои ҷавобгӯ будани нишондиҳандаҳои географӣ ва демографии эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон мусоидат менамояд. Истифодаи таҷрибаҳои гузашта ё аз давлатҳои ҳамсоя бадастомада ва натиҷаҳо, ки бояд ба даст оянд ва дар муқобил барномасозии сметавӣ (дар асоси маълумоти мавҷудбуда) ва ё диққати зиёд додан ба натиҷаҳои миёнамуҳлат, инчунин истифодаи таҳлили самаранокии иқтисодӣ ва ҳамзамон таъмини ҷудокунии мавод ба таври самарабахш низ яке аз самтҳои асосии арзёбӣ ба шумор меравад;

- сафарбаркунии намояндагони гурӯҳҳои асосии дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам дар ҷараёни муқовимат ва қабули қарорҳо: дар баробари намояндагони ташкилотҳои қабулкунандаи қарор таҷриба, нигоҳ аз дохил ва заҳматҳои шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла нашъамандони тазриқӣ ва гурӯҳҳои осебпазир дар муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам хеле арзишманд мебошад. Сафарбарсозии фаъоли сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар ҳамаи самтҳои муқовимати миллӣ, аз ҷумла лоиҳакашӣ, амалисозӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии барномаи миллӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам зарур мебошад;

- риояи ҳуқуқи инсон ва баробарии ҷинсӣ – муваффақияти Барномаи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам аз ҳифз ва дастгирии ҳуқуқҳои шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам вобаста мебошад;

- амалисозии бисёрҷонибаи барнома: ворид намудани муқовимати миллии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар ҷараёни банақшагирии умумии рушди миллӣ, яке аз нишондиҳандаҳои уҳдадорӣ ва омодагӣ, инчунин хусусияти бисёрсоҳагӣ пайдо намудани онро нишон медиҳад; эътироф намудани муҳимияти накши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳамаи сохтори рушди ҷамъиятӣ дар масъалаи расидан ба ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои он. Ба даст омадани натиҷаҳои назаррас дар рафти амалисозии барномаи миллии амалигардида дар самти пешгирии вируси норасоии масунияти одам, асосан дар доираи ҳамкориҳои бисёрҷониба муяссар гардид;

- Барномаи миллии қабулгардида дар навбати аввал равона мегардад ба: 1) фаъолияти Вазорати молия, инчунин дигар вазоратҳои дахлдор бо мақсади таъмини маблағҳои зарурӣ барои фарогирии самтҳои афзалиятноки пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар доираи барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ; 2) баланд бардоштани аҳамияти вируси норасоии масунияти одам ҳангоми банақшагирӣ ва тарҳрезии буҷет; 3) беҳтар намудани амалисозии барномаҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самарнок, аз ҷумла ворид намудани онҳо дар сохтори хусусӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ; 4) саҳмгузории мунтазам ва ҳамоҳангии ҳамаи ҷонибҳои дахлдор дар доираи иҷрои консепсияи се принсип.

108. Ҳадафи асосии Барномаи миллӣ оид ба маҳовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам барои солҳои 2017-2020 ин дастрасии баробар ва умумии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифат оид ба пешгирӣ, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам буда, дар худ самтҳои афзалиятнок ва натиҷаҳоро дар сатҳи ҷумҳурӣ доро мебошад.

109. Самтҳои афзалиятнок:

1) Пешгирии вируси норасоии масунияти одам

Вазифаи 1: Зиёд намудани фарогирии гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ (нашъамандони тазриқӣ, занони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, маҳбусон) ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (муҳоҷирони меҳнатӣ, ҷавонон ва занони ҳомила) ба хизматрасонии босифат оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам:

- натиҷаи асосии 1.1: Паст намудани сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ на камтар аз 20 фоиз то охири соли 2020;

- натиҷаи асосии 1.2: Паст намудани сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак пасттар аз 2 фоиз то охири соли 2020.

2) Тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва ҳамбастагӣ бо системаи пешниҳоди кумак

Вазифаи 2: Беҳтар намудани дарёфти саривақтии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва осебпазири аҳолӣ:

- натиҷаи асосии 2.1: то охири соли 2020-ум 90 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз ҳисоби гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам нисбати статуси худ медонанд;

- натиҷаи асосии 2.2: то охири соли 2020-ум 90 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаи ташхисшуда ба назорати диспансерӣ оид ба расонидани кумак нисбати вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта мешаванд.

3) Табобат ва расонидани кумак вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам

Вазифаи 3: Зиёд намудани фарогирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба табобати босифат, пешниҳоди кумак ва хизматрасониҳо вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам:

- натиҷаи асосии 3.1: Паст гардидани фавт вобаста ба бемории пайдошудаи норасоии масуният то 50 фоиз то охири соли 2020.

4) Бехатарии хун ва назорати сироятҳо

Вазифаи 4: Беҳтар намудани барномаи бехатарии хун ва назорати сироятҳо:

- натиҷаи асосии 4.1. 100 фоизи намунаҳои хуни донории омодашуда ва ҷузъҳои он тибқи дастуру тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам санҷида шудаанд;

- натиҷаи асосии 4.2. Роҳ надодан ба сироятёбии дохилибеморхонагии вируси норасоии масунияти одам.

5) Таҳкими низоми тандурустӣ

Вазифаи 5: Таҳкими низоми тандурустӣ бо мақсади пешгирии вируси норасоии масунияти одам, табобат ва пешниҳоди хизматрасонӣ дар ин самт:

- натиҷаи асосии 5.1: Низоми тандурустӣ бо мақсади пешниҳоди маҷмӯи хизматрасониҳои босифат ва доимӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам таҳким карда шудааст.

6) Шароити мусоид

Вазифаи 6: Таҳкими муҳити созгор бо мақсади дастрасии гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ба хизматрасониҳо дар самти пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам:

- натиҷаи асосии 6.1: Иштироки пурвусъати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар амалисозии барномаи муқовимат бо сирояти вируси норасоии масунияти одам;

- натиҷаи асосии 6.2: Паст намудани монеаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади беҳтар гардидани дастрасӣ ба хизматрасониҳо оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам.

110. Самти афзалиятноки 1. Пешгирии вируси норасоии масунияти одам буда, самти афзалиятноки фаъолият, омилҳои асосии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам, гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ (нашъамандони тазриқӣ, занони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, маҳбусон ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (муҳоҷирони меҳнатӣ, ҷавонон ва занони ҳомила)-ро дар бар мегирад. Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ дар байни ин гурӯҳҳо дар панҷ соли охир дастовардҳои назаррас ба даст омад, ки паст гардидани сатҳи паҳншавии сироят дар байни нашъамандони тазриқӣ аз 17,3 фоиз дар соли 2009 то 12,9 фоиз дар соли 2014 гувоҳӣ медиҳад. Инчунин паст будани фарогирии нашъамандони тазриқӣ ба табобати ивазкунандаи опиоидӣ ва фаъолияти нокифоя дар самти амалисозии барномаи паст намудани зарар, аз ҷумла дар низоми иҷрои ҷазои ҷиноӣ яке аз монеаҳои асосӣ барои пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва нигоҳдории шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда дар низоми хизматрасонӣ ба шумор меравад.

111. Барҳамдиҳии паҳншавии сироят аз модар ба кӯдак низ яке аз самтҳои асосии фаъолият мебошад. Зиёд гардидани шумораи занони ҳомилаи сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам ва зиёдшавии шумораи кӯдакони аз модарони сироятёфта таваллудшуда беҳтар намудани хизматрасониҳоро оид ба пешгирӣ, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ оид ба сирояти вируси норасоии масунияти одам дар доираи амалисозии барномаи Пешгирии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак талаб менамояд.

112. Амалисозии босифати чорабиниҳо дар доираи иҷроиши ин самти афзалиятнок ба фарогирии бештари аҳолӣ ба чорабиниҳои профилактикӣ ва бо сифати баланд пешниҳод намудани маҷмӯи хизматрасониҳо ба гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона гардидааст, ки он ба таъмини назорати эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурӣ метавонад таъсир расонад.

<table>
<tr><td colspan="2">Самти афзалиятноки 1. Пешгирии вируси норасоии масунияти одам</td></tr>
<tr><td colspan="2">Вазифаи 1: Зиёд намудани фарогирии гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ нашъамандони тазриқӣ, занони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, маҳбусон ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (муҳоҷирони меҳнатӣ, ҷавонон ва занони ҳомила) ба хизматрасонии босифат оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам</td></tr>
<tr><td colspan="2">Натиҷаи асосии 1.1: Паст намудани сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, на камтар аз 20% то охири соли 2020;<br>Натиҷаи асосии 1.2: Паст намудани сатҳи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак пасттар аз 2% то охири соли 2020.</td></tr>
<tr><td>Натиҷаҳои асосии бадастомада то соли 2020<br>1. Нашъамандони тазриқӣ</td><td>Самти асосии фаъолият</td></tr>
<tr><td>- 90 фоизи нашъамандони тазриқӣ аз шумораи баҳодиҳӣ (23100) ба хизматрасониҳо дар доираи барномаи</td><td>– Харидории сӯзандору ва рифолаҳо барои амалисозии барномаи мубодилаи сӯзандоруҳо, бо саҳмгузории ҳарсолаи</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва паст намудани зарар фаро гирифта шуданд.<br><br>- 80 фоизи нашъамандони тазриқӣ аз шумораи баҳодиҳӣ хизматрасониҳои мубодилаи сӯзандору гирифтанд. | давлат на камтар аз 5 фоиз;<br>– Фарогирии нашъамандони тазриқӣ бо маводҳои табъизгардидаи яккарата (сӯзандору), рифолаҳо, хизматрасонӣ оид ба табобати ивазкунанда бо метадон ва доруворои налоксон;<br>– Пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба солимии репродуктивӣ ва ҷинсӣ, аз ҷумла хизматрасониҳо нисбати сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда барои нашъамандони тазриқӣ ва шарикони ҷинсии онҳо;<br>– Баргузории назорати дидбонии эпидемиологӣ ва тадқиқот оид ба дониш, муносибат ва таҷриба дар байни нашъамандони тазриқӣ. |
| - На камтар аз 60 нуқтаи мубодилаи сӯзандору барои нашъамандони тазриқӣ дар назди муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби маблағгузориҳои дохилию беруна фаъолият мекунанд. | – Дастгирии фаъолияти 60 нуқтаи мубодилаи сӯзандору ва марказҳои хизматрасонӣ дар назди муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби маблағгузориҳои дохилию беруна. |
| - На камтар аз 12 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки хизматрасониҳоро дар самти пайравии иҷтимоӣ ва пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ амалӣ менамоянд, аз ҳисоби маблағгузориҳои дохилию беруна дастгирӣ карда мешаванд. | – Маблағгузории 12 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки хизматрасониҳоро дар самти пайравии иҷтимоӣ ва пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ ва шарикони ҷинсии онҳо амалӣ менамоянд, аз ҳисоби маблағгузориҳои дохилию беруна. |
| - Ҳамагӣ 4620 ё 20 фоиз аз шумораи баҳодиҳии нашъамандони тазриқӣ ба табобати ивазкунанда бо метадон фаро гирифта мешаванд. | – Харидории доруворои "Метадон" барои амалисозии барномаи табобати ивазкунандаи опиоидӣ бо саҳмгузории ҳамасолаи давлат. |
| - Доруворои "налоксон" аз ҳисоби маблағгузориҳои берунаю дохилӣ барои зарурати нашъамандони тазриқӣ харидорӣ гардида, тавассути хадамоти кумаки фаврӣ ва 60 нуқтаи мубодилаи сӯзандору ба ниёзмандон дастрас карда мешавад. | – Харидории доруворои "налоксон" барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои тиббию профилактикӣ бо мақсади пешгирии аз меъёр зиёд истифодаи маводи мухаддир. |

| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>2. Шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
|---|---|
| - шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ аз шумораи баҳодиҳӣ (14100) ба хизматрасониҳо дар доираи барномаи пешгирии вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта шуданд.<br><br>- 75 фоизи шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ аз шумораи баҳодиҳӣ бо рифола ва иттилоот оид ба рафтори бехатар таъмин карда шуданд. | – Фарогирии шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ба хизматрасонӣ оид ба пешгирии сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда, солимии репродуктивӣ, дастрасӣ ба рифола ва иттилоот оид ба алоқаи ҷинсии бехатар;<br>– Харидории рифолаҳо, лубрикантҳо ва доруворoccurs оид ба табобати сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, бо саҳмгузории ҳарсолаи давлат |

| | |
|---|---|
| | на камтар аз 5 фоиз;<br>– Ташкил ва гузаронидани назорати дидбонии эпидемиологӣ ва тадқиқот оид ба дониш, муносибат ва таҷриба дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ. |
| - На камтар аз 25 утоқи дӯстона дар назди муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нисбати пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда хизмат мерасонанад. | – Дастгирии фаъолияти 25 утоқи дӯстона, ки дар назди муассисаҳои тиббӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд, аз ҳисоби маблағгузориҳои дохилию беруна. |
| - На камтар аз 8 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нисбати пешгирии вируси норасоии масунияти одам барои шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ аз ҳисоби маблағгузориҳои дохилию беруна хизмат мерасонанад. | – Маблағгузории дохилию берунаи 8 ташкилоти ҷамъиятӣ, ки дар самти пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда барои шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ фаъолият менамоянд. |

| Натиҷаи асосии бадастомада<br>то соли 2020<br>3. Маҳбусон | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
|---|---|
| - На камтар аз 75 фоиз маҳбусон ҳамасола ба хизматрасониҳо дар доираи барномаи пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва паст намудани зарар фаро гирифта шуданд.<br>- Барномаи табобати ивазкунандаи опиоидӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҷорӣ карда шуд. | – Фарогирии маҳбусон ба иттилоот, омӯзиш, рифолаҳо, хизматрасонӣ оид ба сафарбаркунии иҷтимоӣ дар давраи гузариш;<br>– Харидории рифолаҳо, дорувориҳо оид ба табобати сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда, сӯзандору барои амалисозии барномаи мубодилаи сӯзандоруҳо ва пасткардани зарар бо саҳмгузории ҳарсолаи давлат на камтар аз 5 фоиз;<br>– Пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба солимии репродуктивӣ ва ҷинсӣ, аз ҷумла хизматрасониҳо нисбати сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда барои маҳбусон;<br>– Гузаронидани тадқиқот дар мавриди "Баҳодиҳии шумораи нашъамандони тазриқӣ дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ";<br>– Баргузории назорати дидбонии эпидемиологӣ ва тадқиқот оид ба дониш, муносибат ва таҷриба дар байни маҳбусон. |
| - На камтар аз 36 муассисаи тиббӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хизматрасониҳои барномаи Старт плюс, аз ҷумла пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳбусон ва сафарбаркунии иҷтимоиро барои маҳбусони бо вируси норасоии | – Аз ҳисоби маблағгузории беруна ва дохилӣ дастгирӣ намудани фаъолияти 6 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар самти хизматрасониҳои барномаи Старт плюс, аз ҷумла пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳбусон ва |

| | |
|---|---|
| масунияти одам сироятёфта амалӣ менамоянд. | сафарбаркунии иҷтимоӣ кор мебаранд. |
| - На камтар аз 3 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хизматрасониҳои барномаи Старт плюс, аз ҷумла пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳбусон ва сафарбаркунии иҷтимоиро дар доираи маблағгузориҳои дохилӣ ва беруна барои маҳбусони бо вируси норасоии масунияти одам сироятёфта амалӣ менамоянд. | – Аз ҳисоби маблағгузории дохилӣ дастгирӣ намудани фаъолияти 3 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар самти хизматрасониҳои барномаи Старт плюс, аз ҷумла пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳбусон ва сафарбаркунии иҷтимоӣ кор мебаранд. |
| - На камтар аз 35 фоизи маҳбусон аз ҷумлаи нашъамандони тазриқӣ дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ табобати ивазкунандаи опиоидӣ мегиранд. | – Харидории доруворӣ "метадон" барои амалисозии барномаи табобати ивазкунандаи опиоидӣ дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо саҳмгузории ҳамасолаи давлат.<br>– |
| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>4. Гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
| - На камтар аз 50 фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хизматрасониҳо дар доираи барномаи пешгирии вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта шуданд. | – Пешниҳоди хизматрасониҳои дӯстона ба муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла рифолаҳо, маводи иттилоотӣ ва табобати сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда;<br>– Дастгирии молиявии фаъолияти хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ;<br>– Баргузории назорати дидбонии эпидемиологӣ ва тадқиқот оид ба дониш, муносибат ва таҷриба дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ. |
| - 100 фоиз хонандагони синфҳои 9-11 ба корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта шуданд. | – Дастгирии молиявии фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни хонандагон;<br>– Баргузории тадқиқот оид ба дониш, муносибат ва таҷриба дар байни хонандагон |
| - На камтар аз 70 фоизи донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна ба корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта шуданд. | – Дастгирии молиявии фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни донишҷӯён;<br>– Баргузории тадқиқот оид ба дониш, муносибат ва таҷриба дар байни донишҷӯён. |

| Пешгирии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак | |
|---|---|
| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>5. Пешгирии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
| - 100 фоиз занони ҳомила, ки дар қайди марказҳои кумаки антенаталӣ қарор доранд, ба тесткунонӣ фаро гирифта шудаанд ва нисбати статуси худ огоҳӣ доранд. | – Зиёд намудани фарогирӣ ба тесткунонӣ дар марказҳои кумаки антинаталӣ. |
| - 100 фоиз занони ҳомиладори бо сирояти вируси норасоии масунияти одам дарёфтшуда табобати зиддиретровирусӣ мегиранд. | – Беҳтар намудани дастрасии занони ҳомиладор ба табобати зиддиретровирусӣ ва хизматрасониҳои пешгирии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак. |
| - 100 фоиз навзодоне, ки дар онҳо хатари сироятёбии вируси норасоии масунияти одам мавҷуд буд, дар муддати 2 моҳ баъд аз таваллуд ба санҷиши вирусологӣ оид ба дарёфти вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта шуданд. | – Ба таври умумӣ ҷорӣ намудани санҷиши барвақтии навзодон. |
| - 100 фоиз навзодоне, ки аз модарони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам таваллуд шудаанд, табобати мувофиқи табобати зиддиретровирусӣ гирифтанд. | – Таъмини фарогирии кӯдакони аз модарони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам таваллудшуда ба табобати зиддиретровирусӣ;<br>– Такмили иқтидории кадрӣ нисбати беҳтар намудани фаъолиятҳо дар самти пешгирии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак. |

113. Самти афзалиятноки 2: Тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва ҳамбастагӣ бо низоми пешниҳоди кумак буда, тибқи баҳодиҳӣ дар Тоҷикистон наздики 60 фоизи шахсони эҳтимолии бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда нисбати ҳолати вируси норасоии масунияти одам доштанашон огоҳӣ надошта, бештари сироятёфтагон барои аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаштан муроҷиат мекунанд. Агар ба таври назаррас шумораи шахсони сироятёфта дарёфт ва ба табобат фаро гирифта нашаванд, расидан ба пешравиҳо оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам номумкин мегардад. Шахсоне, ки дар марҳилаҳои дер ташхис ва дарёфт карда мешаванд, пешравиҳо ҳангоми табобати онҳо камтар ба мушоҳида мерасад. Инчунин муроҷиати дери шахсон ба тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам сабаби паҳншавии сироят гардида, фавти сироятёфтагонро зиёд месозад. Дар баробари зиёдшавии хароҷот барои расонидани кумаки тиббӣ ин омил сабаби зиёдшавии сарбории иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мегардад. Хулоса, зиёд намудани фарогирӣ ба тесткунонӣ оид ба сирояти вируси норасоии масунияти одам натанҳо ба як фард, балки ба ҳамаи ҷомеа фоида мерасонад. Зеро шахсе, ки табобатро дуруст ва пурра мегирад, сарчашмаи сироят нашуда, вирусро ба дигарон интиқол дода наметавонад. Аз ин рӯ, ташхиси барвақтӣ ва оғози табобат бояд яке аз самтҳои асосии ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

114. Эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Тоҷикистон то ҳанӯз дар марҳилаи ҷамъшаванда қарор дорад ва ташхису муайянсозӣ бояд зиёдтар дар байни гурӯҳҳое гузаронида шавад, ки хатари баланди сироятёбӣ дар онҳо бештар аст ва нафароне, ки дер ба табобат ва кумаки тиббӣ дер муроҷиат намудаанд. Дар Тоҷикистон ба чунин гурӯҳҳо нашъамандони тазриқӣ, занони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ва маҳбусон дохил мешаванд. Тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам айни замон дар ҷойҳое, ки ин гурӯҳҳо кору зиндагӣ ё ҷамъ мешаванд, амалӣ гардонида намешавад. Ин омил низ то як андоза ҳамчун монеа барои дарёфти саривақтӣ ва дар умум ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам таъсири манфӣ мерасонад.

115. Барномаи миллии қабулгардида ба баланд бардоштани сатҳи фарогирии гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ бо истифодаи усулҳои гуногун равона гардидааст. Аз ҷумла, зиёд намудани тесткунонӣ дар муассисаҳои тандурустӣ, ҷорӣ намудани тесткунонӣ дар сатҳи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва беҳтар намудани фаъолияти гурӯҳҳои сайёр ба ин усулҳо дохил мешаванд. Инчунин зарур аст, ки ҳар як шахси сироятёфта баъд аз тасдиқ шудани ташхисаш бояд фавран ба низоми хизматрасонӣ ворид карда шавад. Ин амал аз як ҷиҳат ба худи сироятёфта хуб бошад, аз ҷиҳати дигар фоидаи он ба ҷомеа мерасад. Аз ин рӯ, беҳтар намудани корҳо дар

самти пешниҳоди фаврии хизматрасониҳои баъдитесткунонӣ яке аз муҳимтарин самти фаъолият ба шумор меравад.

<table>
<tr><td colspan="2">Самти афзалиятноки 2: Тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва ҳамбастагӣ бо низоми пешниҳоди кумак</td></tr>
<tr><td colspan="2">Вазифаи 2: Беҳтар намудани дарёфти саривақтии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва осебпазири аҳолӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Натиҷаи асосии 2.1: то охири соли 2020-ум 90 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз ҳисоби гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам нисбати статуси худ медонанд.<br>Натиҷаи асосии 2.2: то охири соли 2020-ум 90 фоизи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунандаи ташхисшуда ба назорати диспансерӣ оид ба расонидани кумак нисбати вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта мешаванд.</td></tr>
<tr><td>Натиҷаҳои асосии бадастомада то соли 2020<br>1. Тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва ҳамбастагӣ бо системаи пешниҳоди кумак</td><td>Соҳаҳои стратегии фаъолият</td></tr>
<tr><td>- На камтар аз 93 нуқтаи мубодилаи сӯзандору барои нашъамандони тазриқӣ ва утоқҳои дӯстона барои шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ хизматрасониҳоро дар самти машваратдиҳӣ ва тесткунонӣ ва фиристодан барои машваратдиҳӣ ва тесткунонӣ ба марказҳои вируси норасоии масунияти одам амалӣ менамоянд.</td><td>– Дастгирии гурӯҳҳои аутричии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои мобилии марказҳои вируси норасоии масунияти одам бо мақсади фарогирии бештари гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ба хизматрасониҳо оид ба машваратдиҳӣ ва тесткунонӣ.</td></tr>
<tr><td>- 90 фоизи намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ, ки ба хизматрасониҳои Барнома фаро гирифта шудаанд, аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаронида мешавандд ва нисбати мақоми худ огоҳӣ меёбанд.</td><td>– Дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои дар амалия ҷорӣ намудани машваратдиҳӣ ва тесткунонӣ дар маҷмӯи чорабиниҳои барои нашъамандони тазриқӣ ва шарикони ҷинсии онҳо дастрас;<br>– Ҷорӣ намудани машваратдиҳӣ ва тесткунонӣ дар заминаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо истифодаи маводи биологӣ-луоби даҳон.</td></tr>
<tr><td>- 100 фоизи Хадамот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар байни гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ тесткунонӣ мегузаронанд, бо тестҳои фаврӣ, аз ҷумла бо тести луоби даҳон таъмин мебошанд.</td><td>– Соддатар намудани алгоритми тесткунонӣ ва низоми тасдиқи ташхис;<br>– Аз нав дида баромадани низоми ҷараёни маълумот нисбати натиҷаи тесткунонӣ ва ташхиси тасдиққунанда;<br>– Харидории тестҳои фаврӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам бо истифодаи луоби даҳон барои нуқтаҳои мубодилаи сӯзандоруҳо ва нуқтаҳои машваратдиҳию тесткунонӣ.</td></tr>
<tr><td>- 100 фоизи ҳодисаҳои нав ва азнавпайдошавии сирояти сил аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаронида мешаванд ва нисбати мақоми худ огоҳӣ меёбанд.</td><td>– Беҳтар намудани тесткунонӣ тавассути хуни капиллярӣ дар заминаи нуқтаҳои табобати ивазкунандаи опиоидӣ, тесткунонӣ, диспансерҳои пӯсту зӯҳравӣ ва муассисаҳои силшиносӣ барои дарёфти бештари сироятёфтагон;<br>– Ҷорӣ намудани низоми тесткунонӣ оид ба дарёфти сироятёфтагони вируси норасоии</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| | масунияти одам аз ҳисоби гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ дар заминаи беморхонаҳои касалиҳои сироятӣ ва таваллудхонаҳо;<br>– Ҷорӣ намудани низоми тесткунонӣ ба воситаи хуни капиллярӣ дар нуқтаҳои нигоҳдории муваққатии маҳбусон ва муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ. |
| - Муроҷиати дери шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (фоизи шахсоне, ки дар системаи хизматрасонӣ вобаста ба паст будани сатҳи иммуниашон (CD4 ≤350 клеток/мм3) ворид карда шудаанд) то 25% паст карда мешаванд. | – Омӯзиши кормандони тиббӣ оид ба кор бо гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбидошта. |
| - 100 фоизи ташхисгоҳҳо бо сифати қаноатбахши кор тибқи баҳодиҳии берунии сифат/баҳодиҳии сатҳи тахассус | – Ҷорӣ намудани системаи роҳхатдиҳӣ дар муассисаҳои тандурустӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таъмини гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ба хизматрасониҳо оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам;<br>– Назорати мунтазами сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам, ки бо табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта нашудаанд;<br>– Ташкили низоми доимоамалкунанда оид ба дастрас намудани намунаҳо барои ташхис ва тасдиқи натиҷаҳо аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;<br>– Пурзӯр намудани системаи таъмини сифат, аз ҷумла назорати дохилию берунӣ дар ҳамаи ташхисгоҳҳои марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одами ҷумҳурӣ. |

116. Самти афзалиятноки 3: Табобат ва расонидани кумак вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам буда, ба паст будани фарогирӣ ба табобати зиддиретровирусӣ ва новобаста дар сатҳи зарурӣ набудани нигоҳдорӣ дар низоми хизматрасонӣ, нишондиҳандаи фавт аз бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кам шуда истодааст. Фаъолиятҳо дар доираи ин самти афзалиятнок, асосан ба зиёд намудани фарогирии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам ба табобати зиддиретровирусӣ, нигоҳдории онҳо дар низоми пешниҳоди хизматрасониҳо равона гардида, мақсади ниҳоии он паст намудани фавт вобаста ба вируси норасоии масунияти одам ва пешгирии паҳншавии ҳодисаҳои нави ин сироят мебошад. Вобаста ба зиёдшавии шумораи табобатгирандагон зарур аст, ки масъалаи хизматрасониҳои ҳамбастаи тиббию санитарӣ, ки ба бемор нигаронида шудааст, ҳал карда шавад. Дар ин замина бояд роҳхатдиҳии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ нисбати дастрасии табобати зиддиретровирусӣ ва нигоҳдории онҳо ба низоми пешниҳоди хизмат беҳтар карда шавад.

Дар амалисозии ин фаъолиятҳо нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хеле назаррас бояд бошад.

117. Пурзӯр намудани фаъолиятҳо дар самти пешгирии сироятҳои ҳамрадифи вируси норасоии масунияти одам ва сил, арзёбии мунтазами натиҷаҳои табобат, кумаки статсионарӣ ва паллиативӣ, инчунин харид ва пешгӯӣ ҷузъҳои дигари асосии фаъолият мебошанд, ки дар доираи иҷроиши ин банди Барнома бояд фаро гирифта шаванд.

| | |
|---|---|
| Самти афзалиятноки 3: Табобат ва расонидани кумак вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам | |
| Вазифаи 3: Зиёд намудани фарогирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба табобати босифат, пешниҳоди кумак ва хизматрасониҳо вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам | |
| Натиҷаи асосии 3.1: Паст гардидани фавт, вобаста ба бемории пайдошудаи норасоии масуният то 50% то охири соли 2020. | |
| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020 Табобат ва расонидани кумак вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
| - На камтар аз 90%-и дарёфтшудагони вируси норасоии масунияти одам ба табобати зиддиретровирусӣ фаро гирифта шуданд. | – Ба таври мунтазам дида баромадани протоколҳои клиникӣ оид ба табобат дар асоси дастуру тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (вобаста ба зарурат). |
| - На камтар аз 85%-и шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда табобатро баъди 12 моҳ идома дода истодаанд. | – Таъмини доимии доруворихои зиддиретровирусӣ ба ҳамаи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва барои пешгирии баъди тамос. |
| - Дар 90% шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки табобат мегиранд, пастшавии сарбории вирусӣ то сатҳи номуайянӣ ба мушоҳида мерасад. | – Дастгирии чорабиниҳои муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нисбати зиёд намудани дастрасии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ба тесткунонӣ ва ташхиси сарбории вирусӣ. |
| - 100% беморони ҳамрадифи вируси норасоии масунияти одам/сил ба табобат фаро гирифта шудаанд. | – Ҷорӣ намудани низоми ягонаи пешниҳоди хизматрасонӣ дар заминаи хадамотҳои вируси норасоии масунияти одам/сил/ табобати ивазкунандаи опиоидӣ/ марказҳои кумаки антинаталӣ/кумаки аввалияи тиббию санитарӣ барои сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам;<br>– Пурзӯр намудани заминаи моддию техникии ташхисгоҳҳои марказҳои вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла нисбати хизматрасониҳо дар масъалаи тесткунонӣ ва ташхиси сарбории вирусӣ;<br>– Беҳтар намудани дастрасии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам |

| | |
|---|---|
| | зиндагикунанда ба дастгирии иҷтимоӣ ва кумаки паллиативӣ;<br>– Гузаронидани тадқиқот дар мавзӯи "Баҳодиҳии самаранокии табобати зиддиретровирусӣ". |

118. Самти афзалиятноки 4: Бехатарии хун ва назорати сироятҳо буда, ин самти афзалиятноки барнома ба ду ҷиҳати муҳим, аз ҷумла бехатарии хуни донорӣ ва идоракунии партовҳои тиббӣ равона гардидааст. Зиёд шудани шумораи кӯдакони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам, вобаста ба шахсоне, ки роҳи паҳншавии сироят дар онҳо номуайян аст, ташвишовар буда, дар ин самт диққати махсус ва омӯзиши дақиқро талаб менамояд. Инчунин, таҳлили амалисозии барномаҳо дар самти назорати паҳншавии сироятҳои дохили беморхонагӣ ва таъминоти хуни бехатар хеле зарур мебошад. Идоракунии партовҳои тиббӣ низ яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад.

119. Барномаи миллӣ барои дарёфти мушкилот дар самти таъминоти хуни донории бехатар ва барномаи назорати сироятҳо равона карда шуда, ба таъмини амалисозии меъёрҳои байналмилалии бехатарии хун, назорати сироятҳо ва идоракунии партовҳои тиббӣ нигаронда шудааст.

<table>
<tr><td colspan="2">Самти афзалиятноки 4: Бехатарии хун ва назорати сироятҳо</td></tr>
<tr><td colspan="2">Вазифаи 4: Беҳтар намудани барномаи бехатарии хун ва назорати сироятҳо</td></tr>
<tr><td colspan="2">Натиҷаи асосии 4.1. 100% -и намунаҳои хуни донории омодашуда ва ҷузъҳои он тибқи дастуру тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам санҷида шудаанд;<br>Натиҷаи асосии 4.2. роҳ надодан ба сироятёбии дохили беморхонагии вируси норасоии масунияти одам.</td></tr>
<tr><td>Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>1. Бехатарии хун ва назорати сироятхо</td><td>Соҳаҳои стратегии фаъолият</td></tr>
<tr><td>- Ҳамасола 100% кормандони тиб бо мақсади таъмини амалисозии сӯзандоругузаронии бехавф ва назорати сироятҳои дохили беморхонагӣ ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд.</td><td>– Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ бо мақсади таъмини амалисозии сӯзандоругузаронии бехатар ва назорати сироятҳои дохилибеморхонагӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ.</td></tr>
<tr><td>- Дар 100% -и муассисаҳои тандурустӣ амалиётҳои тиббӣ бо истифодаи асбобҳои тамйизшудаи як маротиба истифодашаванда гузаронида мешаванд.</td><td rowspan="2">– Гузаронидани тадқиқот оид ба дарёфти сарчашмаи паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони сироятёфта бо роҳи "номаълум".</td></tr>
<tr><td>- Дар 100% муассисаҳо ва ҷойҳое, ки хизматрасониҳоро вобаста ба халалдорсозии ягонагии пӯст амалӣ месозанд, амалиётҳои тиббӣ бо истифодаи асбобҳои тамйизшудаи як маротиба истифодашаванда гузаронида мешаванд.</td></tr>
<tr><td>- 100% муассисаҳои тандурустӣ, ки дар онҳо амалиёти хунгузаронӣ сурат мегирад, ба талаботи бехатарӣ ва зарурии хунгузаронӣ ҷавобгӯ мебошанд.</td><td rowspan="2">– Таъмини иҷрои стандартҳои байналмилалӣ нисбати истифодаи клиникии хун;<br>– Тарғиби донории ихтиёрӣ ва ройгон тавассути чорабиниҳои оммавӣ.</td></tr>
<tr><td>- 100% намунаҳои хун, ки дар 12 моҳи охир гузаронида шудаанд, мутобиқи стандартҳо ва дастуру тавсияҳои Созмони</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ё дастурҳои миллӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам санҷида шудаанд. | |
| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>2. Идоракунии партовҳои тиббӣ | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
| - Низоми миллии идоракунии партовҳои тиббӣ тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ аз нав дида баромада шуда, то соли 2017 ба пуррагӣ фаъолият менамояд. | – Таҳия/таҳлил ва қабули ҳуҷҷатҳои зарурӣ нисбати партовҳои тиббии муассисаҳои тиббию профилактикӣ;<br>– Рушди эҳтимолии кадрӣ ва имкониятҳои техникӣ нисбати нобудсозии бехатари партовҳои тиббӣ;<br>– Пурзӯр намудани низоми арзёбии идоракунии партовҳо. |
| - Дар чор шаҳри калони ҷумҳурӣ низоми бехатари муносибат бо партовҳои тиббии муассисаҳои тиббию профилактикӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки мубодилаи сӯзандоруро ба ухда доранд, ба роҳ монда шудааст. | – Дастгирӣ дар самти ҷорӣ намудани низоми инноватсионии идоракунии партовҳои тиббии муассисаҳои давлатӣ ва сохтори хусусии тандурустӣ;<br>– Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ дар мавзӯи муносибати бехатар бо партовҳои тиббӣ дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ. |

120. Самти афзалиятноки 5: Пурзӯр намудани низоми тандурустӣ буда, Барномаи миллӣ ба низоми тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Аз ин рӯ, барои таъмини сифат ва пешниҳоди доимӣ ва саривақтии хизматрасонӣ ба муҳтоҷон зарур аст, ки низоми тандурустии кишвар бо роҳи беҳтар намудани иқтидори кадрӣ ва базаи моддию техникӣ пурқувват карда шавад.

121. Ҳамаи самтҳои фаъолияти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла сиёсати тандурустӣ, банақшагирӣ, тақсимоти мавод, идоракунии барномаҳо, хизматрасонии тиббӣ ва назорати ҳисобот аз иттилооти стратегӣ вобастагӣ дорад. Ин масъала дар ҳамаи сатҳҳои тандурустии кишвар хеле зарур мебошад. Бо дарназардошти он, ки Тоҷикистон чорабиниҳоро дар самти муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам зиёдтар месозад, зарурат ба маблағгузорӣ нисбати иттилооти стратегӣ бештар мегардад, то ин ки банақшагирии барнома таъмин гардида, пайравӣ ва ҳисоботсупорӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ доимӣ ва саривақтӣ бошад.

122. Инчунин, талабот барои беҳтар намудани ташкили хизматрасонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла кумаки ҳампайваст ва беҳбудиҳо нисбати иқтидори кадрӣ бо мақсади таъмини самараноки пешниҳоди хизматрасонӣ ва доимиву саривақтӣ будани онҳо вуҷуд дорад. Ҳамзамон бо мақсади расонидани иттилоот, амалисозии чораҳои пешгирикунанда ва тесткунонӣ дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ пурқувват намудани иқтидори кадрии ин низом зарур мебошад. Мавод дар минтақаҳое, ки шумораи бештари гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ дошта самарабахштар харҷ мегарданд, вале намояндагони ин гурӯҳҳо на ҳама вақт ба муассисаҳои кумаки

аввалияи тиббию санитарӣ муроҷиат менамоянд. Дар ин замина ворид намудани пешниҳод дар мавриди "Равзанаи ягона" ё модели "Пешниҳоди кумаки якҷоя" барои хизматрасонӣ ба сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам чораи стратегии зидди эпидемикии амалишаванда ба шумор рафта, он дар доираи иҷроиши Барномаи номбурда амалӣ карда мешавад.

123. Ин самти фаъолият инчунин ба мустаҳкам гардидани иқтидори кадрҳои идоракунандаи сохтори тандурустӣ, аз ҷумла дар мавриди маблағгузорӣ ва хариди мавод равона гардидааст. Ҳамзамон ворид намудани масъалаҳои вобаста ба вируси норасоии масунияти одам дар дигар сохторҳо метавонад сабаби ташкили муҳити созгор барои пурзӯр намудани ҳамкориҳои байнисоҳавӣ гардад.

| Самти афзалиятноки 5: Пурзӯр намудани низоми тандурустӣ | |
|---|---|
| Вазифаи 5: Пурзӯр намудани низоми тандурустӣ бо мақсади пешгирии вируси норасоии масунияти одам, табобат ва пешниҳоди хизматрасонӣ дар ин самт | |
| Натиҷаи асосии 5.1: Низоми тандурустӣ бо мақсади пешниҳоди маҷмӯи хизматрасониҳои босифат ва доимӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам пурзӯр карда шудааст. | |
| Натиҷаҳои асосии бадастомада то соли 2020<br>1. Иттилооти стратегӣ | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
| - 100% -и муассисаҳо, ки табобати зиддиретровирусӣ таъйин менамоянд, бо системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ таҷҳизонида шуда, мутахассисон омӯзонида шуда, аз соли 2017 то соли 2020 фаъолият намуда истодаанд. | - Таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бо мақсади ҷорӣ намудани системаи иттилоотии идоракунии тандурустии миллӣ;<br>- Фаъолиятҳо барои дастрасӣ ба системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ. |
| - Нисбати ҳамаи сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам, ки таҳти назорати диспансерӣ қарор доранд, маълумоти клиникӣ дар системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дастрас буда, аз охири соли 2017 то 2020 фаъолият намуда истодаанд. | - Омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисон оид ба истифодаи системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ дар байни кормандони масъули муассисаҳои табобатию профилактикӣ, ки табобати зиддиретровирусиро амалӣ менамоянд. |
| - Мавҷудият ва дастрасии ҳамаи маълумот аз рӯи нишондиҳандаҳои нақшаи миллӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар охири соли 2017 то 2020 | - Ҷорӣ намудани низоми электронии миллии системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ бо мақсади беҳтар намудани хизматрасониҳо оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам, табобат ва расонидани кумак нисбати ин сироят;<br>- Ҷамъоварии иттилооти стратегӣ. |

| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>2. Ташкили хизматрасонӣ нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам ва баланд бардоштани иқтидорӣ кадрӣ | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
|---|---|
| - Нақшаи самаранок нисбати баланд бардоштани иқтидори кадрӣ то соли 2017 аз нав дида баромада шуда, ба талаботи барномаи қабулгардида ҷавобгӯ мебошад. | - Ташкили марказҳои пилотии таҷрибаи пешқадам бо мақсади амалисозии кумакҳои бисёрҷониба (табобати зиддиретровирусӣ, табобати ивазкунандаи опиоидӣ, табобати сил, табобати сироятҳои оппортуникӣ) ба сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам;<br>- Мустаҳкам намудани малакаи |

| | |
|---|---|
| | мутахассисони ҳамаи сатҳҳо, ки дар иҷроиши Барнома фаъолият мебаранд. |
| - На камтар аз 35% нуқтаҳои таъини табобати зиддиретровирусӣ дар як соли охир ба таври семоҳа санҷида шуда, ба онҳо кумак ва дастуру тавсияҳо дода шуд. | - Таҳияи нақшаи такмили малакаи кормандони соҳа. |
| - Дар 75% -и нуқтаҳои таъини табобати зиддиретровирусӣ, корҳо оид ба беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ амалӣ гардонида шуданд. | - Ба таври мунтазам баҳо додани сифат ва самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳо ва назорати доимӣ. |
| - Дар ҳамаи нуқтаҳои таъини табобати зиддиретровирусӣ воҳиди кории корманди иҷтимоӣ оид ба пайравии табобат ворид карда шудааст. | - Омӯзиши кормандони иҷтимоии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба ташкил намудани хизматрасониҳо дар самти сафарбаркунии иҷтимоӣ ва дастгирии пайравии табобат. |

| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>3. Мустаҳкамкунии иқтидори кадрии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барнома | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
|---|---|
| - На камтар аз 12 нафар мутахасисони соҳаи барномавӣ ва молиявии дастгоҳи идоракунии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам" оид ба тартиб ва талаботи Хазинаи глобалӣ оид ба мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа нисбати идоракунии сармояҳо омӯзонида шуданд. | - Мустаҳкам намудани иқтидории кадрии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади қабули нақши гирандаи асосии сармояҳо, аз ҷумла сармояи Хазинаи глобалӣ оид ба мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа. |
| - На камтар аз 75%-и қарорҳои қабулгардида дар ҷаласаҳои ҳамоҳангсозӣ оид ба банақшагирӣ, арзёбӣ ва идоракунии барномаҳо дар самти пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар ҷойҳо амалӣ карда мешаванд. | - Аз нав дида баромадан / таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ нисбати пешгирии вируси норасоии масунияти одам, табобат ва хизматрасониҳо вобаста ба вируси норасоии масунияти одам. |
| - На камтар аз 65%-и тавсияҳо оид ба нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ва сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар рафти таҳия/азнавдидабароии ҳуҷҷатҳои стратегии сиёсӣ ба инобат гирифта шуданд. | - Пурқувват намудани иқтидори кадрии Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам" ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии чораҳои ҷавобии бисёрҷиҳата, инчунин беҳтар сохтани шарикии байни муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва сохтори хусусӣ. |

| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>4. Фаъолиятҳо нисбати харид ва идоракунии низоми таъминот | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
|---|---|
| - Низоми миллии электронии идоракунии мавод дар охири соли 2017 пурра фаъолият намуда, дар оянда дастгирӣ карда мешавад. | - Таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои меъёрӣ/ стандартҳо оид ба идоракунии боқимондаи маводҳои барои пешгирии вируси норасоии масунияти одам зарур;<br>- Таҷҳизонидани муассисаҳои таъминкунандаи маводҳо бо низоми электронии идоракунии маводҳо;<br>- Гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ дар масъалаҳои истифодаи базаи электронии идоракунии маводҳо барои ҳамаи шахсони масъул. |
| - Норасоии маводҳо барои пешгирии вируси норасоии масунияти одам, доруворихо оид ба табобати вируси норасоии масунияти одам ва сироятҳои оппортуникӣ, налоксон ва маводи лабораторӣ ба мушоҳида намерасад. | - Таъмини низоми онлайн ва дастгирии мунтазами он дар ҷойҳо;<br>- Таъмини мунтазами сифат ва арзёбӣ нисбати самаранокии фаъолият дар ин самт. |

| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>5. Фаъолиятҳо нисбати маблағгузории барномаи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
|---|---|
| - Маблағгузории дохилию беруна оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ҳамасола то 10% то соли 2020 баланд карда мешавад. | - Чорабиниҳо нисбати ислоҳоти буҷети тандурустӣ дар масъалаи маблағгузории хизматрасониҳо оид ба вируси норасоии масунияти одам;<br>- Фандрайзинг. |
| - Маблағгузории ҳамасолаи дохилӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба фарогирии на камтар аз 5% -и намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ. | - Таҳияи усулҳои самараноки маблағгузории барномаи вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, аз ҷумла маблағгузорӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ. |
| - Қабули ҳуҷҷати байнисоҳавии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории дохилии чорабиниҳои профилактикии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар байни намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ, аз ҷумла Барномаи паст намудани зарар. | - Арзёбӣ ва аз нав дида баромадани буҷет ва хароҷот нисбати Барномаи вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният. |

| Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>6. Ворид намудани масъалаҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар дигар сохторҳо | Соҳаҳои стратегии фаъолият |
|---|---|
| - Чор сохтори давлатӣ, чорабиниҳоро оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар нақшаи худ ворид намуданд. | - Ҳамкориҳо дар самти ҷорӣ намудани фаъолиятҳои вобаста ба вируси норасоии масунияти одам дар амалияи Вазорати маориф ва илм, Вазорати |

| | |
|---|---|
| | корҳои дохилӣ, Вазорати адлия, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| - Мавзӯъҳо оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар барномаи омӯзишии омодасозии пеш ва баъдидипломии мутахассисони соҳаи тандурустӣ ворид карда шуданд. | - Дастгирии таҳия ва ҷорӣ намудани стратегия оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар ҷои кор. |
| - На камтар аз 120 муассисаи самти фаъолияташон ғайритиббӣ дар ҷойҳои корӣ стратегияи вируси норасоии масунияти одамро ворид намуданд. | - Кумакҳои техникӣ ва омӯзиши мутахассисон. |

124. Самти афзалиятноки 6: Шароити мусоид буда, нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар фарогирии намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам назаррас мебошад. Рушди малакаи кадрӣ ва имкониятҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин дигар намояндагони инфиродӣ ва дастаҷамъии ҷомеаи шаҳрвандӣ (пешвоёни динӣ, шӯроҳои маҳалла ва ғайра) метавонад нақши онҳоро дар амалисозии Барнома ва самаранокии кори онҳоро бо аҳолӣ бо дарназардошти гурӯҳҳои калидӣ баланд бардорад.

125. Дар Барнома мустаҳкам намудани системаи ҷомеавӣ, рушди иқтидори кадрии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ барои иштироки фаъоли онҳо дар идоракунии барномавӣ ва амалиётӣ ба назар гирифта мешавад. Ҳамзамон ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии самаранок байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохтори давлатӣ, ҷалби фаъоли намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар корҳо оид ба арзёбӣ ва баҳодиҳии чорабиниҳои гузаронидашуда, инчунин ҷалби онҳо дар фаъолияти вобаста ба қабули қарорҳои марбут ба вируси норасоии масунияти одам ба назар гирифта мешавад.

126. Тамғагузории вуҷуддошта дар ҷомеа нисбат ба гурӯҳҳои калидии аҳолии дорои хатари баланди нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, инчунин шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда метавонад дастрасии намояндагони гурӯҳҳои мазкурро ба хизматрасониҳои вобаста ба вируси норасоии масунияти одам маҳдуд намояд. Тамғагузорӣ нисбати гурӯҳҳои зикргардидаи аҳолӣ дар системаи расонидани кумаки тиббию санитарӣ низ ҷой дорад.

127. Фаъолияти дахолатпазир дар доираи чунин самти стратегии Барнома ҳаракати паст гардидани тамғагузорӣ ва табъиз нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, инчунин гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро ҳимоя намуда, ҳуқуқи инсонро муҳофизат, ба расонидани кумаки тиббию санитарӣ мусоидат ва ислоҳоти қонунгузорӣ кумак менамояд.

| Самти афзалиятноки 6: Шароити мусоид |
|---|
| Вазифаи 6.1: Мустаҳкам намудани муҳити созгор бо мақсади дастрасии гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ба хизматрасониҳо дар самти пешгирии сирояти вируси |

<table>
<tr><td colspan="2">норасоии масунияти одам</td></tr>
<tr><td colspan="2">Натиҷаи асосии 6.1: Зиёд намудани иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар амалисозии Барномаи муқовимат бо сирояти вируси норасоии масунияти одам<br>Натиҷаи асосии 6.2: Паст намудани монеаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади беҳтар гардидани дастрасӣ ба хизматрасониҳо оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам.</td></tr>
<tr><td>Натиҷаи асосии бадастомада то соли 2020<br>6. Пурзӯр намудани системаҳои маҳаллии ҷамъиятӣ</td><td>Соҳаҳои стратегии фаъолият</td></tr>
<tr><td>- Дар ҳайати мақомоти ҳамоҳангсоз оид ба чораҳо бар зидди вируси норасоии масунияти одам дар 90% минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам зиёданд, намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ҷомеаҳои шаҳрвандӣ, инчунин намояндагони гурӯҳҳои осебпазир ворид карда шудаанд.</td><td>- Ташаккули иқтидори кадрӣ ва ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дастгирии шабакаҳои ҷомеавӣ, шарикон ва ташкилотҳо;<br>- Дастгирии чорабиниҳои ҷомеавӣ ва хизматрасонӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.</td></tr>
<tr><td>- Дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳангоми банақшагирӣ, амалисозии барномаҳои пешгирикунанда ва баҳодиҳии хизматрасониҳо намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ҷомеаҳои шаҳрвандӣ даъват карда мешаванд.</td><td>- Дастгирии иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҷамъомадҳои маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам;<br>- Дастгирии чорабиниҳои ҷомеавӣ ва хизматрасонӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони дигар ҷомеаҳои шаҳрвандӣ.</td></tr>
<tr><td>- 35% маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ барои амалисозии чорабиниҳо бар зидди сирояти вируси норасоии масунияти одам.</td><td>- Таъмини иштироки намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ дар банақшагирӣ, амалисозӣ ва баҳодиҳии хизматрасонии барои ин гурӯҳ;<br>- Баргузории баҳодиҳии хароҷоти миллӣ роҷеъ ба сирояти вируси норасоии масунияти одам.</td></tr>
<tr><td>Натиҷаҳои асосии бадастомада<br>7. Кам намудани монеаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар самти хизматрасонӣ</td><td>Соҳаҳои стратегии фаъолият</td></tr>
<tr><td>- 75%-и намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ, ки ба чорабиниҳои оид ба вируси норасоии масунияти одам фаро гирифта шудаанд, нисбати кам гардидани сатҳи тамғагузорӣ аз ҷониби кормандони тиб ва ё кормандони ҳифзи ҳуқуқ хабар додаанд.</td><td>- Дастгирии тасмими якҷояи вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нисбати баргузории як қатор машғулиятҳои омӯзишӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ барои кормандони муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқ, кормандони ғайритиббии муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва кормандони кумаки аввалияи тиббию санитарӣ оид ба масъалаҳои</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| | пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин самт;<br>- Дастгирии доимии фаъолияти гурӯҳи мушовирони миллии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи онлайн- портали иттилооти тиббӣ www.afew.tj |
| - На камтар аз 90% кормандони тиб нисбати муносибати хайрхоҳона бо шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ хабар доданд. | - Гузаронидани тадқиқот дар мавзӯи "Табъиз ва тамғагузорӣ нисбат ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ". |
| - Дар давраи иҷроиши Барнома на камтар аз 2 ҳуҷҷати муҳим дар самти ислоҳоти ҳуқуқӣ нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ба тавсиб расиданд. | - Таҳияи дастурамалҳо барои кормандони муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, инчунин дастгирии ҳуқуқии ҷабрдидагон;<br>- Пешниҳоди кумаки ҳуқуқӣ ба намояндагони гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ дар базаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ. |

128. Дар Барномаи мазкур дурнамо оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам нишон дода шуда, он дар ҳамкории бисёрҷониба дар муддати чор соли оянда амалӣ карда мешавад. Идоракунии барнома як қатор механизм ва роҳу усулҳоро талаб намуда, дар он таҳияи нақшаҳо бо пешниҳоди муфассал ва амалисозии чорабиниҳои байнисохторӣ аз ҷониби шарикон, нишодиҳандаҳо ва буҷет зарур мебошад. Маблағҳо барои амалисозии Барнома аз сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла маблағгузориҳои дохилӣ ва сармоягузории созмонҳои донорӣ ҷустуҷӯ ва дарёфт карда мешаванд.

129. Сохтори идоракунии миллӣ ва ҳамоҳангсозӣ аз ширкати бевоситаи сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳамаи сатҳҳои фаъолият вобаста мебошад. Дар боби мазкур нақши умумӣ ва уҳдадориҳои гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбии вируси норасоии масунияти одам нишон дода шудааст.

130. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба консепсияи се принсип чораҳои миллиро роҳбарӣ менамояд: чаҳорчӯбаи ягонаи фаъолият оид ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният барои амалисозии чораҳои миллии муқовимат, ки ҳамаи ташкилотҳо ва намуди фаъолиятро ҳам дар дохили сохтори тандурустӣ ва ҳам дар берун аз он муттаҳид месозад; ташкилоти ягонаи миллӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният таҳти роҳбарии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

сафарбарсозии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаҳои шаҳрвандиро иҷозат додааст; системаи ягонаи арзёбӣ ва баҳодиҳӣ, ки дар асоси он ҳисобот дар назди ҷомеа-асосан дар назди гурӯҳҳои худкумакрасон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки аз ҳисоби шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, гурӯҳҳои дорои хатари баланди сироятёбӣ ва шарикони донор таъсис ёфтаанд, таъмин карда мешавад. Дар асоси машваратҳои бисёрҷониба оид ба қабули сохтори нави миллии идоракунӣ ва ҳамоҳангсозӣ барои иҷроиши Барномаи мазкур натиҷаҳо ба даст омаданд.

131. Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам, сил ва вараҷа аз ҷониби муовини Сарвазири кишвар роҳбарӣ гардида, дар он намояндагони дигар вазорату идораҳо ва созмонҳои байналмилалию ҷамъиятӣ шомил мебошанд. Ин Кумита иҷрои Барномаро таҳти назорат гирифта, сиёсатро дар ин самт муайян ва дастгириҳои берунаро таҳти роҳбарӣ мегирад.

132. Дар назди котиботи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам, сил ва вараҷа гурӯҳҳои техникии корӣ фаъолият менамоянд. Гурӯҳҳои техникии корӣ барои ҳамаи ҷонибҳои дахлдор кушода буда, дар машваратҳо ва истифодаи таҷрибаҳо ба таври васеъ ширкат меварзанд. Гурӯҳҳои корӣ дастуру тавсияҳои гурӯҳҳои техникии кориро ба инобат гирифта, дар самтҳои гуногуни фаъолияти корӣ ва қабули қарорҳо истифода менамоянд.

133. Сохтори расмии тандурустӣ ба ҳайси заминаи асосӣ дар амалигардонии чорабиниҳо оид ба муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам фаъолият менамояд. Дар навбати худ Барнома бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо, аз ҷумла хадамоти гуногуни санитарию тиббӣ ва дигар муассисаҳои соҳа чорабиниҳоро амалӣ намуда, дастрасии мавод ва маблағҳои заруриро таъмин менамояд.

134. Барнома беҳтар намудани фаъолиятро аз ҷониби дигар вазорату идораҳои дахлдор, шарикон оид ба рушд дар самти пешгирии эпидемияи вируси норасоии масунияти одам талаб менамояд. Ҳамаи вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони ҳамкор бояд дар самти пешгирии ин сироят ва хизматрасониҳо оид ба дастгирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, инчунин фароҳам сохтани шароити мусоид барои амалисозии самараноки чорабиниҳо саҳмгузор бошанд.

135. Дар давраи иҷрои Барнома дар баробари Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дигар вазорату идораҳои дахлдор низ вобаста ба имкониятҳо барои таҳияи чорабиниҳои онҳо дар самти пешгирии эпидемияи вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла мусоидат дар рушди иқтидори кадрӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва амалисозии барнома дастгирӣ хоҳанд ёфт. Вазорату идораҳои дахлдор дар самтҳои зерини амалишавии Барнома уҳдадор хоҳанд буд:

- мусоидат дар фароҳамсозии шароити мусоид: бо мақсади баҳодиҳии саҳмгузории ҳар як вазорату идора дар самти пешгирии

сирояти вируси норасоии масунияти одам, таъсир ба осебпазирии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам ва эҷоди монеаҳо барои дастрасӣ ба кумак, табобат ва дастгирӣ, таҳлили умумии сиёсати сохторӣ гузаронида мешавад. Ҳамаи сохторҳо кафолат медиҳанд, ки тесткунонӣ барои дарёфти вируси норасоии масунияти одам ихтиёрӣ буда, махфият оид ба шахсон риоя карда мешавад. Инчунин натиҷаи тесткунонӣ набояд сабаби маҳдудиятҳо дар пешниҳоди имтиёзҳо, ки дар сохтори онҳо нисбати шахсони сироятёфта пешбинӣ гардидааст, гардад;

- қонеъ намудани талаботи иқтидори кадрӣ дар сохторҳои гуногун: ҳар як сохтор сиёсат ва таҷрибаашро нисбати иқтидори кадрӣ аз нав дида баромада ва таҳлил месозад, то ин, ки мутахассисони онҳо нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам маълумоти барои онҳо, оилаи онҳо ва аҳолӣ, ки онҳо хизмат мерасонанд, кофӣ дошта бошанд. Ҳар як сохтор бо дигар шарикон барои ба вуҷуд овардани шароити мусоид ва бо мақсади беҳтар намудани корҳои профилактикӣ, табобат, кумак ва дастгирӣ кор мекунад, то ин, ки таъсири эпидемияи вируси норасоии масунияти одамро ба соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳаддиақал кам созад;

- мустаҳкам намудани иқтидори кадрии сохторҳо: ҳар як сохтор бо Барномаи миллӣ бо мақсади дарёфт ва рушди малака ва дониш ҳамкорӣ менамояд, то ин, ки дар фароҳамсозии шароити корӣ ва муайянсозии зарурати иқтидори кадрии онҳо нисбати сирояти вируси норасоии масунияти одам саҳмгузор бошанд. Ин масъала тартиб додани нақшаҳои амал ва хароҷоти молиявиро талаб менамояд.

136. Сохтори идоракунӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи вилоятҳо дар заминаи кумитаҳои мавҷудбудаи вилоятии ҳамоҳангсозӣ фаъолият менамояд. Дар рафти иҷроиши Барнома иқтидори кадрии онҳо вобаста ба зарурат такмил дода мешавад. Ин кумитаҳо дастгирӣ гардида, нисбати иҷроиши фаъолияташон оид ба ҳолати ин сироят дар минтақаашон, талаботи аҳолӣ ба кумакҳои техникӣ, нисбати иштирок дар таҳлили маълумоти эпидемикӣ, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва хизматрасониҳо дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ҳисобот месупоранд.

137. Созмони Милали Муттаҳид барои ба даст овардани маблағҳои зарурӣ дар баргузории корҳои таблиғотию иттилоотӣ кумак расонида, барномаҳоеро, ки аз ҷониби шарикони ҳамкор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ мешаванд, дастгирӣ мекунад. Созмони Милали Муттаҳид дар мубодилаи натиҷаҳои тадқиқот ва корҳои иттилоотию таблиғотӣ, барои истифода ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ дар шароити миллӣ мусоидат менамояд.

138. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ - ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ, ки ба онҳо гурӯҳҳои худкумакрасон ва иттиҳодияҳои тахассусии миллӣ шомил мешаванд. Ин ташкилотҳо бевосита бо шахсон ва гурӯҳҳои талаботашон махсус, ки дар пешниҳоди хизматрасониҳо ба онҳо ташкилотҳои давлатӣ мушкилӣ мекашанд,

кор мекунанд. Онҳо дар рафти чорабиниҳо дар сатҳи ҷомеа кумаки машваратӣ пешниҳод намуда, барои расонидани хизматҳо оид ба машваратдиҳӣ, дастгирӣ ва кумак ба шахсони сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам фаъолият менамоянд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳамкории зич бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд бардоштани малакаи кормандони идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, кормандони ғайритиббии муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ва кормандони тиббии кумаки аввалияи тиббию санитарӣ фаъолияташонро идома хоҳанд дод.

139. Созмонҳои байналмилалӣ дар доираи иҷроиши Барномаи қабулгардида низ расонидани кумакҳои техникӣ ва дастгирии машваратиро дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла мустаҳкам намудани иқтидори кадрӣ, тадқиқот, банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва харид идома медиҳанд.

140. Иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва нашъамандони тазриқӣ дар чорабиниҳо яке аз шартҳои асосӣ барои баланд бардоштани самаранокии амалишавии муқовимати миллӣ бар зидди сирояти вируси норасоии масунияти одам ба шумор меравад. Иҷрои Барномаи мазкур ба беҳтар намудани иқтидори тахассусии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ равона гардидааст. Нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои номбурда инчунин дар самтҳои зерин низ назаррас мебошад:

- мусоидат дар ташкили шабака ва дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, нашъамандони тазриқӣ ва шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда;

- дастгирии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва шахсони бо ин мушкилот гирифторшуда ба воситаи талқини тарзи ҳаёти мусбат, расонидани дастгириҳои ҳуқуқӣ, расонидани иттилооти дуруст, дастрас намудани маводҳои пешгирикунанда ва ғайра;

- иштирок дар таҳияи стратегияҳо, лоиҳакашии барномаҳо ва фаъолиятҳо ва иҷроиши онҳо ба воситаи пешниҳоди хизматрасониҳо ба муҳтоҷон;

- ҳамоҳангии мубодилаи маълумот ва корҳои иттилоотию тарғибӣ барои муайянсозии камбудиҳои Барнома дар самти пешниҳоди хизматрасониҳо ва баҳодиҳии талаботи техникӣ.

141. Амалишавии бомуваффақияти Барнома, ки ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди сирояти вируси норасоии масунияти одам равона гардидааст, сафарбаркунии иқтидори кадрӣ ва дарёфти маблағҳоро аз буҷети маҳаллӣ ва аз сарчашмаҳои байналмилалӣ талаб менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии молиявии худро нисбати амалисозии Барномаи номбурда аз ҳисоби маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ба сохтори тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ташкилотҳои буҷавӣ, ки дар самти мубориза ва пешгирии вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният фаъолият менамоянд, идома медиҳад.

142. Мутаассифона, ҳолати кунунии иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз буҳрони молиявии ҷаҳонӣ вобаста мебошад, имконияти ҷумҳуриро дар самти гузаштан ба маблағгузории устувори чорабиниҳо дар самти пешгирии вируси норасоии масунияти одам аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маҳдуд намудааст ва ҷумҳурӣ то ҳанӯз ба дастгирии сармоягузорони беруна эҳтиёҷ дорад.

143. Барои амалисозии Барнома ва фарогирии тамоми чорабиниҳо дар ин самт дар чор сол 477626358 сомонӣ (61234149 доллари америкоӣ) зарур мебошад. Талаботи ҳарсолаи Барнома аз 105088712 сомонӣ дар соли 2017 то 136533168 сомони дар соли 2020 баробар буда, зиёдшавии талабот аз бештар гаштани хизматрасониҳо дар самти пешгирӣ ва табобати ин сироят вобаста мебошад. Маблағҳои зарурӣ вобаста ба самтҳои афзалиятноки Барнома дар ҷадвал нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 12

Буҷети умумии
Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020
(бо сомонӣ)

| Самтҳои асосии стратегӣ | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Ҳамагӣ | % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Пешгирии вируси норасоии масунияти одам | 54219959 | 59138067 | 63351061 | 70476138 | 247185225 | 51,8 |
| Тесткунонӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва ҳамбастагӣ бо системаи пешниҳоди кумак | 5452980 | 6756360 | 5360940 | 6205680 | 23775960 | 5,0 |
| Табобат ва расонидани кумак вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам | 32836089 | 35323548 | 39883662 | 45289530 | 153332829 | 32,1 |
| Бехатарии хун ва назорати сироятҳо | 2566824 | 4262310 | 2951520 | 4177680 | 13958334 | 2,9 |
| Пурзӯр намудани системаи тандурустӣ | 8147100 | 8154120 | 5811780 | 6123780 | 28236780 | 5,9 |
| Шароитҳои мусоид | 1865760 | 3067350 | 1943760 | 4260360 | 11137230 | 2,3 |
| ҲАМАГӢ | 105088712 | 116701755 | 119302723 | 136533168 | 477626358 | 100 |

144. Тавре, ки дар ҷадвал нишон дода шудааст, мабалғгузориҳо асосан ба самти пешгирӣ (51,8 фоиз) ва табобати ин сироят (32,1 фоиз) равона гардидаанд. Инчунин, 8,2 фоиз буҷети умумӣ дар оянда ба мустаҳкам намудани системаи тандурустии кишвар ва муҳайё намудани шароити мусоид барои амалисозии Барномаи мазкур равона хоҳад шуд.

Ҷадвали 13

Сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва норасоии буҷети "Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020" (бо сомонӣ)

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Ҳамагӣ | % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағҳои зарурӣ барои амалишавии Барнома | 105088712 | 116701755 | 119302723 | 136533168 | 477626358 | 100% |
| Маблағҳои мавҷудбуда, аз ҷумла аз ҳисоби: | 89512438 | 34962742 | 36649479 | 38418711 | 199543370 | |
| *Буҷети давлатӣ* | 30374043 | 31892745 | 33487383 | 35161752 | 130915923 | 65,6 |
| *Сохторҳои хусусӣ* | 2980579 | 3069997 | 3162096 | 3256959 | 12469631 | 6,2 |
| *Хазинаи глобалӣ* | 55487016 | 0 | 0 | 0 | 55487016 | 27,8 |
| *Агентиҳои Созмони Милали Муттаҳид* | 670800 | 0 | 0 | 0 | 670800 | 0,3 |
| Норасоии буҷети Барнома | 15576274 | 81739013 | 82653244 | 98114457 | 278082988 | |
| Норасоӣ бо фоиз | 14,8 | 70,0 | 69,3 | 71,9 | 58,2 | |

145. Таҳлилҳо тибқи ҷадвали 13 нишон медиҳанд, ки оғоз аз соли 2017 ҳамасола дар буҷети Барнома норасоии маблағҳо ба мушоҳида мерасанд. Ин норасоӣ дар соли 2017 ба 14,8 фоиз, соли 2018 ба 70,0 фоиз, соли 2019 ба 69,3 фоиз ва дар соли 2020 ба 71,9 фоиз баробар буда, аз ҳаҷми умумӣ норасоии маблағгузорӣ баҳри амалишавии Барнома 58,2 фоизро ташкил медиҳад. Ин норасоӣ асосан дар натиҷаи кам гардидани маблағгузорӣ аз ҷониби Хазинаи глобалӣ ба миён омадааст. Бо ин мақсад, дар доираи ҳамкориҳо бо созмонҳои кумакрасон ва сармоягузорони беруна ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти маблағҳои иловагӣ ҷиҳати фарогирии норасоии буҷети Барнома чораҷӯиҳоро ба роҳ монад.